БЕГ САБУР НОРОЗИСТ с.3

БОНУИ АВВАЛИ ЭРОН КИСТ? с.4

ФУРУДГОҲ, НАРХ ОСМОНИВУ ХИЗМАТРАСОНӢ СИФР с.5



# ТОҶИКИСТОН

№46 (1557)
15.11.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~




# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

## АЗ ИФТИТОҲИ ОСОРХОНАИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ТО КОРХОНАВУ КӮДАКИСТОН





СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ



*Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.*

**Моликияти МБИ "АҲРОРӢ":**

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеоӣ бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки "Обшорон".

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**НИҲОДҲОИ ЗИЁНРАСОН**
Агентии коррупсия ном ба ном гуфт
с.3

**ШАНСИ ДОНИШҶӮ ШУДАН**
ММТ даври чоруми имтиҳони дохилшавиро эълон кард
с.4

**ҚОРИИ ҚУРЪОН**
Ҷавони тоҷик дар Русия ғолиби озмуни ҷаҳонӣ шуд
с. 6

**ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ**
Сохтмони мактаб ду қарн аст, ки ба охир намерасад
с. 7

**ДАРҒ**
Шаҳрак дар домани кух
с. 8

**САҲИФАИ ТАЪРИХ**
10 шабоҳати Б. Ғафуров ба Исмоили Сомонӣ
с. 9

**ҶОМИ ҶАҲОН-2026**
Тоҷикистон бо Урдун бозӣ мекунад
с. 10

**КАНЗИ ШИФО**
Витаминҳои зимистонӣ кадомҳоянд?
с. 12

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

## аз ифтитоҳи осорхонаи академик Бобоҷон Ғафуров то корхонаву кӯдакистон

**ЗИМНИ САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД ЧАНДИН ИНШООТ, АЗ ҶУМЛА ДАР НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ ОСОРХОНА ВА МУҶАССАМАИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ, КӮДАКИСТОНИ "СИТОРАҲОИ ДУРАХШОН", ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД БЕМОРХОНАВУ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ, ШУЪБАИ ШАҲРИИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТАНД.**



### Осорхонаи академик Ғафуров

Бинои Осорхонаи ҷумхуриявии академик Бобочон Ғафуров пас аз таъмиру навсозӣ мавриди бахрабардорӣ қарор гирифт. Осорхонаи ҷумхуриявӣ маркази бузурги илмию фарҳангӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ-маънавӣ ва таблиғотӣ-ташвиқотӣ буда, он аз 18 гӯшаи алоҳида иборат мебошад. Дар осорхона нигораҳо аз рӯйи хусусияти хронологӣ ҷойгир карда шуда, кору зиндагӣ, фаъолияти пурсамар дар бахшҳои гуногун, дастовардҳои илмӣ, офаридаҳои гаронарзиш ва мукофоту тухфаҳои академик Бобоҷон Ғафуров ҷой дода шудааст.

Дар осорхона гӯшаҳое чун "Даврони наврасӣ, таҳсил ва ташаккули Бобоҷон Ғафуров", "Оғози фаъолияти меҳнатӣ: Бобоҷон Ғафуров корманди комсомол ва рӯзноманигор", "Мероси мактуб: мукотиботи Бобоҷон Ғафуров" ва дигар бахшҳо ҷой дода шудааст. Ҳамчунин як гӯшаи осорхона ба китоби "Тоҷикон" бахшида шудааст. Дар ин гӯша асосан намунаи асбобу олоти гуногуни қадима, намунаи ашёву ҳунарҳои мардумӣ, деворнигораҳои Панҷакенти қадимӣ, ки дар китоби "Тоҷикон" бо таҳқиқи дақиқи академик ҳамчун далели раднопазири таърихи куҳани миллати тоҷик дарҷ ёфтаанд, ҷой дода шудааст.

Зимни боздид иброз гардид, ки гӯшаи "Аллома Бобоҷон Ғафуров ва Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон" оид ба қадршиносии ин фарзанди фарзонаи миллат аз ҷониби Сарвари давлат ва дигар иқдому ташаббусҳои муҳиме, ки барои зиндаву ҷовид мондани номи академик анҷом дода шудааст, маълумот медиҳад.

Дар маҷмуъ осорхона аз се бахш - "Маркази илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҷамъоварӣ ва мероси таълифнамудаи академик Бобоҷон Ғафуров", "Таблиғоти мероси академик" ва "Китобхонаи электронӣ" иборат мебошад.

Дар Осорхонаи ҷумхуриявӣ ҳамчунин сарулибос, мизу курсии корӣ, расмҳои гуногун аз фаъолияти кориву рӯзгори академик ҷойгир буда, дар ин баробар, нусхаи мукофоту ҷоизаҳои ӯ дар гӯшаҳои алоҳида гузошта шудаанд. Пас аз навсозиву таъмир ифтитоҳ гардидани иншооти мазкур бешубҳа, ба тарғибу ташвиқи мероси таърихию фарҳангӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ намудани нигораҳои ҷамъовардашуда ва рушди таҳқиқу омӯзиши бештари рӯзгори академик Бобоҷон Ғафуров мусоидати амиқ хоҳад кард.

### Муҷассамаи академик Ғафуров

Ҳамчунин, дар назди осорхона аз рӯйи муҷассамаи академик Бобоҷон Ғафуров бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон парда бардошта шуд. Муҷассамаи Қаҳрамони Тоҷикистон дар саҳни Осорхонаи ҷумхуриявии академик Бобоҷон Ғафуров комат афрохта, бо санъати баланд сохта шудааст. Дар тарафи чапи муҷассама шоҳасари мондагор -"Тоҷикон" ҷой дода шудааст.

Ёдовар мешавем, ки Бобоҷон Ғафуров муаррихи барҷаста, шарқшиноси машҳури тоҷик, доктори илми таърих, профессор, академик, Ходими хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Имсол аз таваллуди ин алломаи сиёсату таърих 115 сол пур шуд.

## САРИ САБЗ



**Баҳром ШАРИПОВ, доктори илмҳои иқтисодӣ**

**- Ду бонки асосии низомсоз - "Агроинвестбонк" ва "Тоҷиксодиротбонк" қариб 50% пасандозҳои низоми бонкиро ташкил медоданд. Аз нуқтаи назари гум кардани пардохтпазирӣ имконияти баргардонидани саривақтии пасандозҳоро бохтанд.**

*- Наход бохти ин ду бонки низомсоз аз бохту дарду доғи мардуми пасандозгузошта аламовартар бошад-а, ҷаноби доктор!? Ё мегӯед, дунё ба умед аст?*



**Файзалӣ ФОЗИЛОВ, ҳунарманди ҷавони тоҷик**

**- Ба ном овозхонҳо хеле зиёд шудаанд. Ба фикри шахсии ман, сабаби ягона - ин шуҳратталабист. Яъне, бархеҳо мехоҳанд бо як роҳе миёни мардум шинохта шаванд ва худро овозхон муаррифӣ карда, аз ин пеша нон ёбанд.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, аз афташ, тушбераашонро хом шумурдаанд. Ку як рӯйхат кунед, кормандони андозро наздашон фиристем... Баъд мебинед, ки хеле кам шудаанд.*



**Барзу АБДУРАЗЗОҚОВ, режиссёри машҳури тоҷик**

**- Барои мисол, ман Театри Лоҳутӣ меравам, ассалом мегӯям. Мегӯянд, ки чӣ мехоҳед? Мегӯям, ки ҳамин хел омадам. Омада бошӣ, тамошо куну баро рав мегӯянд. Маро шояд аз даромадгоҳи Театри ҷавонон роҳ надиҳанд.**

*- Хайр, тоқати тамошо кардани саҳнаҳояшонро надошта бошед, наравед охир! Ба Театри Маяковский равед, шояд писандатон ояд ва ҳам пешвозатон бароянд.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА, муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*

*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

# БЕГ САБУР НОРОЗИСТ

## Аз интернети ройгон то поёни монополияи “Тоҷиктелеком”



**Ҳафтаи равон дар соҳаи алоқаи кишвар тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Дар оғози ҳафта Бег Сабур аз суръати интернет норозигӣ баён кард. Баъдан, Хадамоти алоқа бо мақсади амалӣ шудани пардохтҳои ғайринақдӣ ба минтақаҳои кӯҳистон интернети ройгон ваъда намуд ва билохира баъди 8 сол ба 2 ширкати хусусӣ иҷозатнома барои ворид кардани инернет дода шуд…**

### Норозигии Бег Сабур

Бег Сабур, сардори Хадамоти алоқаи Тоҷикистон корхо дар самти беҳтар кардани сифат ва нархи интернетро нокифоя хонда, аз масъулин талаб кардааст, ки онро боз ҳам ҷоннок намоянд. Дар ин бора сомонаи расмии Хадамоти алоқаи Тоҷикистон хабар медиҳад.

Вохӯрии Бег Сабур рӯзи 10-уми ноябр бо иштироки намояндагони ширкатҳои мобилӣ ва провайдерҳои интернетӣ, бонкҳо ва намояндагони ширкати “Барқи тоҷик” баргузор шуд. Мақсади ҷаласа иҷрои супориши Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани сифат ва нархи интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар ва вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ мебошад. Дар давоми як моҳи охир ин сеюмин вохӯрии Бег Сабур бо масъулини соҳаи алоқа мебошад.

Ба иттилои Хадамоти алоқа, дар ҷаласа дастуроти вохӯрихои гузаштаи Бег Сабур дар самти беҳтар кардани нарху сифати интернет, бартараф намудани монеаҳои мавсимии алоқа дар фасли сармо низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бег Сабур гуфтааст, ин ҳама кофӣ набуда, боз ҳам бештар намудани тадбирҳои амалӣ дар авлавияти фаъолияти масъулин қарор дорад.

### Интернети бепул ба минтақаҳои дурдаст

Хадамоти алоқаи Тоҷикистон ваъда додааст, ки барои таъмини иҷрои фармони президент дар бораи гузаштан ба ҳисоббаробаркунихои ғайринақдӣ дар минтақаҳои дурдаст барои истифодабарандагон, ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ” ва операторони алоқаи барқӣ зимни амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ хизматрасонии Интернетро ройгон пешниҳод мекунанд.

Дар ин бора рӯзи 13-уми ноябри соли 2023 сомонаи расмии Хадамоти алоқаи ҶТ хабар дод. Дар иттилоияи ин ниҳод гуфта мешавад, ки “Хадамоти алоқа дар чаҳорчӯбаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба рафти иҷрои фармони президенти ҶТ аз 22.06.2023 тахти рақами №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” тасмим гирифтааст, ки дар минтақаҳои дурдаст барои истифодабарандагон ҶСК “Шабакаҳои тақсимоти барқ” ва операторони алоқаи барқӣ зимни амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ, хизматрасонии Интернетро ройгон пешниҳод мекунанд”.

Тибқи фармони президент, пардохтҳо ба буҷа, аз ҷумла андозҳо, боҷу хироҷ, пули хидматрасониҳои коммуналӣ бояд аллакай аз 1-уми августи соли 2023 пурра ба шакли ғайринақдӣ сурат мегирифт. Вале ҷорӣ шудани лимити шадиди барқ дар кишвар ва дар минтақаҳои дурдасти кишвар набудани интернет барои иҷрои ин амр монеа мешуд.

### Монополия поён ёфт?

Сомонаи расмии Хадамоти алоқаи Тоҷикистон 5-уми ноябри соли 2023 хабар дод, ки бо мақсади тадбирҳои пай дар пай ҷиҳати баланд бардоштани суръати Интернет ва паст кардани арзиши он” ба ду ширкати ватании бахши хусусӣ барои ворид намудани каналҳои байналмилалии баландсуръати дастрасӣ ба шабакаи глобалии Интернет иҷозатнома додааст.

Ҳамчунин, манбаъ менависад, ки иқдоми навбатӣ боахамияту муҳим буда, барои кам намудани арзиш ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии дастрасӣ ба Интернет мусоидат мекунад. “Ҳамчунин ба ташкили фазои рақобати солим дар соҳаи алоқаи барқӣ ва ҷалби сармояҳои хусусӣ ба сектори телекоммуникатсияи кишвар мусоидати фаъол менамояд”,- гуфта мешавад дар иттилоия.




Номи ин ду ширкати хусусӣ гуфта нашудааст, вале баъди соли 2015, дар 8 соли охир ин бори аввал аст, ки Хадамоти алоқа ба ширкатҳои дигар низ ҳақи ворид кардани Интернет медиҳад. Аз соли 2015 Хадамоти алоқа бозори воридоти Интернетро дар кишвар пурра ба ширкати давлатии “Тоҷиктелеком” вогузошт. Коршиносон низ далели гаронии интернет ва суръати пасти онро дар монополия арзёбӣ мекарданд.

Инак, умед аст, ки бо ворид шудани ширкатҳои дигар ба бозор ҳам нархи интернет ба эътидол меояд ва ҳам суръати он хуб хоҳад шуд.

**О.СОҲИБЗОДА**

---

# НИҲОДҲОИ ЗИЁНРАСОН

## Агентии коррупсия ном ба ном гуфт



**Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон дар чандин вазорату идораҳои калидӣ зарари молиявиро ошкор кард. Дар байни онҳо Корхонаи муштараки “Зарафшон”, Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ, ҶСК “Шабакаҳои интиқоли барқ”, Гвардияи миллӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Вазорати кишоварзӣ, Агентии таъминоти амволи махсус низ ҳастанд.**

### 213,7 млн зарари молиявӣ

Сулаймон Талбакзода, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон дар иҷлосияи парлумони Тоҷикистон гуфтааст, ки дар 9 моҳи соли равон 213,7 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор гардид.

Ба иттилои Талбакзода, аз маблағи ошкоргардида хароҷоти ғайриқонунӣ 18,1 миллион сомонӣ, камомад ва тасарруф 24,9 млн сомонӣ, изофанависӣ дар корхои таъмиру сохтмонӣ 52,9 млн сомонӣ, зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ 1,6 млн сомонӣ, талафи воситаҳои пулию молӣ 63,3 млн сомонӣ, маблағи кам ҳисобшуда ва рӯйпӯшгардидаи андозу пардохтҳои ҳатмӣ 52,8 млн сомониро ташкил медиҳанд.

“Зарарҳои молиявии нисбатан калон асосан зимни тафтиши муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 12,4 млн сомонӣ, Агентии таъминоти амволи махсус 5,5 млн сомонӣ, Муассисаи давлатии “Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ” 5,1 млн сомонӣ, ҶСК “Шабакаҳои интиқоли барқ”, шабакаҳои тақсимоти барқи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳрҳои Душанбе, Норак, Бохтар, Гулистон ва Истаравшан 4,1 млн сомонӣ ошкор гардид”,- иброз доштааст Сулаймон Талбакзода.

Ҳамчунин, зарарҳои калони молиявӣ дар зерсохтори Гвардияи миллӣ 3,9 млн сомонӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 2,8 млн сомонӣ, Вазорати кишоварзӣ 2,6 млн сомонӣ, Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” 2,5 млн сомонӣ, “Тоҷикстандарт” 2,2 млн сомонӣ ошкор шудааст.

### Зарар барқарор шуд?

Сулаймон Талбакзода меғӯяд, ки аз 6,2 млн сомонӣ зарари молиявии ошкоргардида аз 14 маркази татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ 5,6 млн сомонӣ ва аз 37,8 млн сомонӣ зарари молиявии ошкоргардида дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии 15 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 37 млн сомонӣ барқарор карда шуд.

“Аз маблағҳои ошкоршуда ба шаҳри Душанбе 7,3 млн сомонӣ, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров - 5,6, Спитамен - 3,7, Айнӣ - 3,2, Исмоили Сомонӣ - 2,5, Файзобод - 2,3, Лахш - 2,2, Варзоб - 1,8, Абдураҳмони Ҷомӣ - 1,6, Дӯстӣ - 1,6, Кӯбодиён - 1,5, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ - 1,3, Кӯҳистони Мастчоҳ - 1, Шуғнон 1 млн сомонӣ ва ба Мурғоб 711,9 ҳазор сомонӣ рост меояд”,- гуфт ӯ.

Аммо маълум нест, ки дар натиҷаи расонидани зарари молиявӣ нафаре ҷазо гирифт ё не. Ин дар ҳолест, ки соли гузашта Палатаи ҳисоби Тоҷикистон хабар дода буд, ки чанд корманди Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва мақомоти иҷроия дар бархе ноҳияҳоро барои зарари молиявӣ ба давлат аз мақомашон барканор кардаанд.

Дар пайи ошкор шудани беш аз 200 млн сомонӣ зарари молиявӣ дар 9 моҳ, коршиносон нигаронӣ аз вуҷуди бештари ришвасситонӣ дар ниҳодҳои Тоҷикистон мекунанд.



# БОНУИ АВВАЛИ ЭРОН КИСТ?

**8-уми ноябр дар доираи сафари расмии президенти Ҷумҳурии исломии Эрон Саид Иброҳими Раисӣ ҳамсари ӯ Ҷамила Содот Аламулҳудо низ ба Тоҷикистон ташриф овард. Зимни сафари хеш бону Аламулҳудо меҳмони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва мактаб-интернати №1 шуд.**

### Санъати зиндагии занон

Ҷамила Содот Аламулхудо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо устодону донишҷӯён мулоқот карда, дар бораи рушди муносибатҳои дӯстонаи Эрон бо Тоҷикистон ва омӯзишу таҳқиқ сухан гуфт.

Ректори ДМТ, профессор Қобилҷон Хушвахтзода зимни пазироии Ҷамила Содот ёдовар шуд, ки соли 2021 дар сафари нахустинаш ба Тоҷикистон Саид Иброҳими Раисӣ ба донишгоҳ ташриф оварда, ба узвияти ифтихории Шӯрои олимон ва доктори фахрии ДМТ пазируфта шуд.

Ҳамчунин, дар ин воҳӯрӣ китоби хонум Ҷамила Содот "Санъати зиндагии занон" рӯнамоӣ шуд. Китоби мазкур тозанашр буда, дар он нақши занон дар ҷомеа таҳлил шудааст. Он аз 8 боб иборат буда, мавзуҳои мавқеи зан дар рушди давлат, зан ва ҷомеа, зан - зебоӣ, зан - ободӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

Пас аз ин, ҳамсари раисҷумҳури Эрон ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино рафта, бо донишҷӯёни ин донишгоҳ низ воҳӯрӣ гузаронидааст.

Ҳамчунин, Ҷамила Содот Аламулҳудо бо тарбиятгирандагони мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим ва бепарастори шаҳри Душанбе воҳӯрӣ кардааст.

### Як бардошт

Меҳрангез, донишҷӯйи ДМТ мегӯяд: "Вақте давлатин маротиба занеро бо ҳиҷоби сиёҳ дидем, ҳайрон шудем, ки ӯ ба мо чӣ мегуфта бошад? Зеро дар ҷомеаи мо бонувони мазҳабӣ кам андар кам аз минбарҳо сухан мегӯянд. Вале беҳуда намегӯянд, ки "ба одам аз зоҳираш баҳо набояд дод". Ҳақиқати ин гуфтаро дар суҳбат бо бонуи аввали Эрон Ҷамила Содот Аламулҳудо дарк кардем, зеро эшон бонуи донишманд, доктори илм, устоди донишгоҳ ва муаллифи чандин китоб будаанд. Суҳбаташон ҳам хеле донишмандона буд".

### Ҷамила Содот кист?

Ҷамила Содот Аламулҳудо нависанда, пажӯҳишгар ва устоди ду донишгоҳи Эрон аст ва доктори илмҳои фалсафа мебошад.

Ӯ соли 1975 дар оилаи руҳонии маъруф ва имоми масҷиди ҷомеи Машҳад Сайид Аҳмад Аламулҳудо ба дунё омадааст. Дар 18-солагӣ бо Иброҳими Раисӣ иҷдивоҷ кард. Аз ин пайванд ду фарзанд - Райҳон ва Марям ба дунё омадаанд.

Ҷамила Содот соли 2013 дар Донишгоҳи тарбиати мадрис унвони доктори фалсафаи маорифро гирифтааст. Ҳамон сол ӯ Пажӯҳишгоҳи бунёдии илм ва фанноварии Донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштиро таъсис дод ва то ба ҳол раҳбари он аст.

Дар факултети илмҳои таълимӣ (педогогика) ва равоншиносии Донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ дарс мегӯяд. Инчунин, дар курси докторантураи Донишгоҳи Шаҳиди Биҳиштӣ аз фанҳои фалсафаи таҳсилоти олӣ, антропология дар ислом, усулҳои таълим, асосҳои назариявии идоракунии маориф, мактабҳои фалсафӣ ва андешаҳои таълимӣ дарс медиҳад.

Аз моҳи марти соли 2018 дабири Шӯрои таҳаввул ва навсозии низоми маориф мебошад.

### Баҳси "бонуи аввал"

Ёдовар мешавем, ки дар низоми Ҷумҳурии исломии Эрон мартабаи "бонуи аввал" маъмул нест. Ин мартаба хоси давлатҳои ғарбӣ мебошад. Вале матбуоти Ғарбу Эрон чанд маротиба Ҷамила Содотро ба ҳайси "бонуи аввал"-и Эрон муаррифӣ карданд. Ин боиси он шуд, ки дар расонаҳо баҳси наве оғоз шавад, ки "бонуи аввал"-и Эрон кист,

Мансура Хуҷаста Боқирзода - ҳамсари Сайид Алии Хоманаӣ - ҳамсари роҳбари Ҷумҳурии исломии Эрон ва ё Ҷамила Содот - ҳамсари раисҷумҳури кишвар Иброҳими Раисӣ.

Гарчанде шахси аввали Эрон Алии Хоманаӣ аст, вале ҳамсари ӯ Мансура Хуҷаста Боқирзода то кунун фаъолияти сиёсӣ ва расмӣ надоштааст. Ӯ бонуест, ки то ба имрӯз ҳеҷ тасвире аз ӯ ба таври расмӣ нашр нашудааст.

Вале Ҷамила Содот Аламулхудо ҳанӯз қабл аз ба курсии президентӣ нишастани ҳамсараш дар муҳити илмии Эрон шинохта шудааст. Баъди раисҷумҳур шудани Иброҳими Раисӣ ӯ дар сафарҳои дохиливу хориҷӣ ҳамсарашро ҳамроҳӣ мекунад. Ва ӯ нахустин ҳамсари раисҷумҳури Эрон аст, ки ҳатто барои расонаҳои амрикоӣ мусоҳиба додааст. Ӯ дар расонаҳо дар мавриди ҳуқуқи занон дар ҷомеаи исломӣ сухан ронда, собит кардан меҳоҳад, ки занон дар ҷомеи исломӣ ҳам метавонанд аз ҳуқуқҳояшон бархӯрдор бошанд. Ҳамин аст, ки расонаҳо ӯро бонуи аввал муаррифӣ мекунанд. Вале худи ӯ дар як мусоҳибааш гуфтааст: "Ман тоза мутаваҷҷеҳ шудам, ки бандаро ба унвони бонуи аввал муаррифӣ кардаанд. Лозим аст тавзеҳ диҳам, дар сохтори Ҷумҳурии Исломӣ бонуи аввал ҳамсари раҳбари муаззами инқилоб ҳастанд".

### Фаъолияти сиёсии Ҷамила Содот

Ҷамила Содот Аламулҳудо аз замони ба сари қудрат омадани ҳамсараш фаъолити фаъоли сиёсӣ дорад. Дар масоили мухталиф изҳори назар мекунад.

Дар яке аз мусоҳибаҳояш гуфт, ки ҳатто мухолифи дар интихобот ширкат кардани шавҳар аст, вале дар ҳама ҳолат дар паҳлуи ӯ хоҳад буд: "Ба унвони ҳамсари оқои Раисӣ мувофиқи ҳузури эшон дар интихобот набудам, аммо ба унвони як ҳаводор дар байни номзадҳои интихоботӣ танҳо касе, ки вижагиҳои марди назари раҳбарро дорад, оқои Раисӣ аст".

Дар ин авоҳир ҳам Ҷамила Содот ба ҳамсарони 40 кишвари ғарбӣ нома навишта, аз онҳо талаб кард, ки ҳамсаронашонро водор кунанд, ки аз қатлу куштор ва фоҷеаи инсонӣ дар Фаластин ҷилавгирӣ шавад.

**Фариза БОБОЕВА**

# ДОНИШҶӮ ШУДАН МЕХОҲЕД? ҲАНӮЗ ДЕР НАШУДААСТ!

## ММТ давраи чоруми қабул ба макотиби олиро эълон кард

**Дар Тоҷикистон давраи чоруми бақайдгирии довталабон барои таҳсили ғоибона дар донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон оғоз шудааст. Дар ин бора аз Маркази миллии тестии Тоҷикистон (ММТ) хабар медиҳанд.**

Ба иттилои манбаъ, давраи чорум аз 9-уми ноябр оғоз шуда, то 9-уми декабр, яъне 1 моҳ идома мекунад.

"Дар имтиҳони давраи чорум фақат онҳое ширкат мекунанд, ки дар шакли ғоибона (фосилавӣ) таҳсил кардан меҳоҳанд",- хабар медиҳанд аз ММТ.




Барои бақайдгирӣ дар 8 шаҳру ноҳияи интихобшудаи ҷумҳурӣ - Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Данғара ва Рашт нуқтаҳои бақайдгирӣ ташкил шудааст.

Ба иттилои ММТ, довталабон дар интихоби ихтисосҳо озод буда, то 12 комбинатсияи ихтисоси ба худ писандро танҳо аз як гурӯҳи ихтисосҳо интихоб намуда метавонанд. Дар вақти бақайдгирӣ яке аз забонҳо (русӣ ва тоҷикӣ) ва макони имтиҳонсупорӣ ва ҷойи фиристодани даъватномаро бояд интихоб намуд.

Бояд гуфт, ки чанд соли охир нақшаи қабули донишҷӯён дар кишвар иҷро намешавад. Аз ҷумла, соли ҷорӣ тибқи иттилои ММТ, дар даври якум нақшаи қабули донишҷӯён ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар 53 дарсад иҷро шудааст. Аз ММТ сабаби иҷро нашудани нақшаи қабулро дар кам шудани хатмкунандагон арзёбӣ мекунанд, вале аксарият бар он ҳастанд, ки тағйиру иловаҳо ба Қонуни ЧТ "Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ" сабаби коҳиши теъдоди довталабон шудааст.

Тибқи муқаррароти қонуни нав, ҳамаи ҷавонписарони синни даъват, новобаста аз он, ки дар донишгоҳ таҳсил кардаанд ё не, аз кафедраи ҳарбӣ гузаштаанд ё не, ба хизмати ҳарбӣ ҷалб карда мешаванд.

Ҳамин аст, ки ҷавонон бештар роҳи Русияро пеш мегиранд, то аз хизмати ҳарбӣ фирор намоянд ва нақшаи қабул ду соли охир иҷро намешавад.

Бо ҳамин сабаб, моҳи август ММТ давраи дуюми қабули довталабон ва дар моҳи сентябр давраи сеюми қабули довталабонро ба роҳ монд.

Инак, давраи чорум ҳам оғоз шуд. Чунин шеваи қабул бесобиқа аст.

**Д. ҚОДИРПУР**

# ТОҶИКДУХТАР "X FACTOR"-РО ТАСХИР КАРД

**Ясмина Алидодова ҷавондухтари 20-солаи тоҷик дар Дубай дар озмуни "X Factor" ширкат кард ва ҳакамонро тасхир кард. Ин озмун дар Аморати Муттаҳидаи Араб баргузор мегардад ва тоҷикдухтар дар он таронаи "Nasini Donya" – "Ragheb Alama"-ро иҷро кард.**



Ясмина аз синни 6-солагӣ ба овозхонӣ машғул аст ва дар озмунҳои зиёди ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ширкат карда, ғолибият ба даст овардааст. Ӯ чанд сол пеш дар Тоҷикистон дар филми "Деҳқон"-и Далер Раҳматов ва ҳамчунин, дар филми "Meow" ва намоҳанги гурӯҳи "Sephora" нақш бозидааст.

Падари Ясмина Алидодова Умед Алидодов соҳибкор аст, модараш бошад ба тарбияи онҳо машғул мебошад. Бародари ӯ дар тими "Ал-Наср"-и Арабистони Саудӣ футболбоз аст.

*Сиёсат*

## РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА ҚИРҒИЗИСТОН МЕРАВАД

**Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба Қирғизистон сафар мекунад.**

Ҳадаф аз ин сафар иштирок дар ҷаласаи 56-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст.

Интизор меравад, ки ҷаласа рӯзҳои 16-17-уми ноябр дар шаҳри Бишкек баргузор гардад.



*Рейтинг*

## ДМТ ДАР ПАНҶГОНАИ БЕҲТАРИН

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барандаи ҷоизаи «Ситораи сифат» (IAAR EUR star Quality) гардид.**

ДМТ дар «Рейтинги донишгоҳҳои Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (IAAR) (IAAR-EUR)-2023» (IAAR University Ranking (IAAR-EUR)-2023) ба панҷгонаи беҳтарин дохил шуда, дар байни беҳтарин донишгоҳҳои минтақа мақоми 4-умро ишғол намуд.

Ин аввалин донишгоҳи Тоҷикистон аст, ки тибқи гузориши Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг ба панҷ донишгоҳи беҳтарин шомил шуда, аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ баҳои баланд гирифтааст.

Хусусияти фарққкунандаи натиҷаҳои донишгоҳ дар ин раддабандӣ афзоиши шумораи нашрияҳои илмӣ дар маҷаллаҳои ҷаҳонии индексатсияшудаи Q1-Q2 ва инчунин индексатсияи олимони донишгоҳ мебошад, ки аз пешрафти корҳои илмӣ шаҳодат медиҳад.

Агентии мазкур (IAAR) аввалин агентии аккредитатсия аз давлатҳои ИДМ аст, ки мақоми баланди эътирофи Федератсияи ҷаҳонии таълими соҳаи тиббӣ (WFME) гирифтааст.

*Технология*

## ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



**Дар қаламрави мамлакат бори нахуст ба муассисаҳои соҳаи маорифи пойтахт муяссар гардид, ки аз истифодаи ҳамаи почтаҳои электронии хориҷӣ (доменҳои ru, com ва ғайра) даст кашида, ҳама намуди иттилоотро дар доираи домени миллӣ (tj) мубодила намоянд.**

Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» низоми миллии почтаи электронӣ бо забони тоҷикӣ амалӣ гардид.

Ба омодасозии почта барномасозони Маркази таҳлилӣ-иттилоотӣ ҷалб гардида, онро дар заминаи барномаи «Roundcube» таҳия намуданд. Почта дар марҳилаи аввал дар сохтори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои пойтахт ҷорӣ шуд.

Он бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ, беҳтар намудани суръати мубодилаи иттилоот, арҷгузорӣ ба забони давлатӣ, осон, дастрас ва беҳатар намудани истифодаи системаи почтаи электронӣ, инчунин сода намудани раванди гардиши ҳуҷҷатҳо таҳия гардидааст.

Таҳияи низоми миллии почтаи электронӣ қадами муҳим дар самти рушди рақамикунонии низоми табодули иттилоот буда, пешниҳоди чунин низом кори муассисаҳои давлатиро дар самти таҳия ва интиқоли ҳуҷҷатҳои расмӣ ва табодули шаклҳои гуногуни иттилоот ба маротиб осон, ҳамзамон беҳатар мегардонад.

Низоми миллии почтаи электронӣ дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2011 «Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз 28-уми ноябри соли 2020 таҳия гардидааст.

*Маориф*

## ТОҲИРӢ ШУКРОНА ТОҲИР

### барандаи Шоҳҷоизаи озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар соли 2023

**Тоҳирӣ Шукрона Тоҳир, донишҷӯйи курси сеюми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барандаи Шоҳҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" гардид. Шоҳҷоиза, ки иборат аз 70 ҳазор сомонӣ аст, аз ҷониби муовини Сарвазири Тоҷикистон Матлубахон Сатториён шоми 15 –уми ноябр ба ғолиб супорида шуд.**



Маросими ҷоизасупорӣ дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ бо ширкати намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилоту созмонҳои эҷодӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, шарикони рушд, муассисаҳои таълимӣ, иштирокчиёни озмун, волидайни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва воситаҳои ахбори омма баргузор шуд.

*Нигаронӣ*

# НАРХ ОСМОНИВУ ХИЗМАТРАСОНӢ СИФР

## Шикояти мусофирон аз Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе

**Вақтҳои охир шикояти сокинон аз фаъолияти Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе зиёд шудааст. Мусофиронро бештар сатҳи пасти хизматрасонӣ дар фурудгоҳ нигарон кардааст. Чанде аз шикоятҳоро нашр мекунем ва умедворем, ки масъулини фурудгоҳ ба он вокуниш карда, аз пайи рафъи камбудиҳо мешаванд.**



*Холиқназар Ҷумъазода*

### Навбатвайронкунӣ дар фурудгоҳи Душанбе

*(Аз як мушоҳида)*

Субҳи 7-уми ноябр ба Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе барои гусели нафаре рафтам. Соати 3:35 бо баҷоҷ вориди толори гусели мусофирон шуда, дар нуқтаи бақайдгирии рақами 9 навбат гирифтем. Тибқи ҳисоби ман, мо аз рӯи навбат нафари 14-ум будем. Навбат хеле суст пеш мерафт. Сабаби суст пеш рафтани навбат он буд, ки нафари масъул ба навбат нигоҳ намекард ва бенавбат ба ошноҳои худ хизмат мерасонид. Як нафарро аз навбат ҷавоб медоду 2-3 нафарро бенавбат. Ҳар замон чанд шиносномаро нафарони дигар ба ӯ медоданду навбати мо боз тӯл мекашид.

Чун вақт фаровон буд, корашро хуб мушоҳида карда, эътирозе накардам. Ниҳоят навбати мо ҳам баъди 1 соат фаро расид ва соати 4:37 нав ба қабули шахси масъул ҳуҷҷат месупоридем, ки як нафари дигар ба дасти ӯ 4 шиноснома дод ва ӯ моро монда, боз як гурӯҳи чорнафараро бо баҷоҷҳои зиёд қабул кард. Ман тоқат накарда, эътироз кардам ва сумкаву ҳуҷҷатҳоро ба шахси масъули нуқтаи бақайдгирии №8 пешниҳод кардам. Хушбахтона, ӯ чизе нагуфта, ҳуҷҷатҳои моро ба қайд гирифта, билет дод ва бо ҳамин навбатпоиин мо баъди 1 соату 2 дақиқа ба итмом расид.

Агар масъулин ба навиштаҳоям бовар накунанд, метавонанд камераҳои назоратии дохили фурудгоҳ, бахусус саҳни хизматрасонии нуқтаи 9-ро аз соати 3:35 то 4:40 (санаи 07.11.23) тамошо кунанд, ҳатман навиштаҳои ман тасдиқ мешаванд.

Меҳостам бипурсам:

- Оё дар фурудгоҳ нафаре ҳаст, ки чунин бемасъулиятии кормандонашро назорат кунад?

*Шаҳноз Комилзода*

### Фурудгоҳи байналмилалии мо соҳиб дорад?

Ҳоло аз ҳавопаймо фуруд омадам. 45 дақиқа дар навбати "назорати шиноснома" истодам. 45 ДАҚИҚА!!!

Ҳатто дар Туркия, ки ҳазорҳо мусофир дорад ва ё Чин, ки беш аз 1,5 млрд ҳастанд, ҳамин қадар мунтазир нашудаам. Чаро дар ҳар бунгоҳи назорати шиноснома ҷойи 2 одам аст, аммо 1-одамӣ кор мекунанд? Чаро одамонро бе навбат қабул мекунанд? Ягон ҷои нишаст нест. Дар бӯйи туалет истода намешавад. Бечора пиразанҳову пирамардҳо 45 дақиқа тавони истодан надоранд. Худи бунгоҳ ҳам пури ҷанг, ифлос. Ростини писарам ифлос шуд, ба нозир гуфтам, лабханд заду гуфт: "Айби уборшитсаҳомон"...

Мо, мусофирон ройгон парвоз намекунем. Нархи чиптаҳо дар осмон, аммо хизматрасонӣ 0! Сад офарини сайёҳон!

*Нурмуҳаммад Раҳимӣ*

### 2 соати интизорӣ

Соати 5-и субҳ тайёра фуруд омад. Хатсайри Новосибирск -Душанбе. Аввал 20 дақиқа мунтазир шудем, ки кай "паспортный контроль" ба кораш шурӯъ мекунад. 15 дақиқаи аввал бо черезбозӣ гузашт. Баъдан бо маслиҳат аввал хонумонро иҷозат додем, ки бидуни навбат гузаранд, чун ҳама монда шуда буданду баъзе бо тифлони навзоду кӯдакони хурдсол сафар доштанд. Аммо баъдан кадом тайёраи дигар фуруд омаду ин кормандон ҳама ба кучое ғайб заданд. Қариб 40 дақиқаи дигар интизор шудем. Баъди доду фарёду шикваи мусофирон як утоқи он ба кор сар карду қариби соати 7 аз "паспортный контроль" гузаштем...

*Дин ва ҷомеа*

# ҚОРИИ САТҲИ ҶАҲОНИИ "ҚУРЪОН"

## Тоҷики зодаи Русия - ғолиби озмуни хонандагони Китоби муқаддас



**Аёмиддин Фарҳудинов, тоҷики зодаи Русия дар озмуни байналмилалии қироати "Қуръон" дар Маскав ғолиб гардид. Дар ин бора Созмони ҷамъиятии минтақавии "Ҷамъияти миллӣ- фарҳангии тоҷикони Ҷумҳурии Тотористон" хабар медиҳад.**

Озмуни мазкур маротибаи 21-ум баргузор мешавад ва аввалин маротиба дар он тоҷики зодаи Русия ғолиб мегардад.

Дар ин озмун дар умум аз 31 давлати ҷаҳон ҳофизону қориёни "Қуръон" рақобат карданд. Аёмиддин на танҳо аввалин тоҷик, балки аввалин шаҳрванди Русия низ шуд, ки дар 21 соли озмун ғолибият ба даст овард.

Айёмиддин тоҷик буда, дар вилояти Тулаи Русия таваллуд шудааст. Дар синни 6-солагӣ ба омӯзиши "Қуръон" шурӯъ карда, ҳоло қории дараҷаи байналмилалӣ аст. Ӯ дар баробари ҳофизи кулл буданаш, ҳамчунин бо чор забон - тоҷикӣ, русӣ, арабӣ ва англисӣ озод суҳбат мекунад.

Ҷойи дуюмро дар сабқати ҷаҳонии 21-уми Хонандагони Қуръони Москва Ҳусейн Алиризо Ҳани Бидголӣ аз Эрон ва ҷои сеюмро Исмоил Муҳаммад Яҳё Маниёр аз Ҳиндустон соҳиб шуданд.

*Амали нек*

# ОФАРИН! БА АЛӢ АСРОР

**Алӣ ном ҷавони зодаи Тоҷикистон дар шаҳри Сургут се гурбачаеро, ки ба чоҳи канализатсия партофта шуда буданд, аз марг наҷот дод ва қаҳрамони расонаҳои маҳаллӣ шуд.**



Алӣ ин гурбачаҳоро ба хонааш бурда, нигоҳубин кард ва баъдан ба волонтёрон дод. Қиссаи ин ҷавони тоҷикро рӯзи 11-уми ноябри соли 2023 нашрияи маҳаллии "К-Информ/Сургут" нашр кард. Манбаъ менависад, ки ҷавони тоҷик Алӣ Асрор ном дошта, аз шаҳраки Хонободи Исфара аст. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳазорон нафар ба Алӣ "Офарин!" мегӯянд.

*Адабиёт*

# НАШРИ "ҲИКОЁТИ ЛАТИФ" БАЪДИ 200 СОЛ




**Дар шаҳри Душанбе китобе нашр шуд, ки "Ҳикоёти латиф" ном дорад ва он аз ҷониби шарқшиноси маъруфи инглис Франсис Гледвин мураттаб гардида, бори нахуст соли 1801 дар Калкутта ва сипас дар Лондон чоп шуда буд.**

Китоби мазкур аз ҷониби толибилмони МТМУ №16-и шаҳри Душанбе Муҳаммадҷон ва Муҳаммадиқбол Шокирзода таҳия ва дар силсилаи "Адабиёти ҷаҳон" (китоби 6), ки бо ташаббуси Маркази омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳон нашр мешавад, чоп шудааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки таҳиягарони китоби мазкур фарзандони адабиётшинос ва сардабири маҷаллаи "Адаб" Шодӣ Шокирзода мебошанд.

"Ҳикояҳои кӯтоҳу дилчаспу пурмояи китоб аз лиҳози шеваи баёну нигориш аз аҳамияти омӯзиши хосе бархӯрдор мебошанд. Интишори он ба ду забон - тоҷикӣ ва англисӣ барои ононе, ки меҳоҳанд аз таърихи забони тоҷикӣ ва аз тақвияти забони англисӣ бипардозанд ва ё англисзабононе, ки забони ширини тоҷикиро бехтар фаро гирифтанианд, муфид хоҳад буд",- омадааст дар муаррифии китоб.

# ҚАДАМИ ҚУРБОН 18 КМ РОҲ МЕСОЗАД

**Қадами Қурбон ба ободу асфалтпӯш кардани роҳи 18 - километраи Чагам - Кӯлоб (роҳи машҳури ҳаждаҳпаварота) оғоз кард.**

Ин орзуи деринтизори аҳолии зиёда аз 50000 - нафараи деҳаҳои Чагами Боло, Чагами Миёна, Чагами Поён, Чагами Хирман, Раҳмонобод, Тошбулок, Симчакон, Деҳдарозак, Назарбой, Бодомту ва Тӯғмагӣ мебошад.

*Раҳмат ба ҳазор пушти*
*аҷдоди Қадам,*
*Асфалт шавад зи ҳимматаш*
*роҳи Чагам.*

**ХАЙРАНДЕШ**



# ДАРВОЗАИ ДУШАНБЕ КАЙ БУНЁД МЕШАВАД?

**Тайи чанд сол аст, ки бо ҳамроҳ кардани маҳалҳои зиёде аз ҳисоби навоҳии атрофи шаҳри Душанбе ҳудуди пойтахти кишвар низ зиёд карда шуд.**

Соли 2019 дарвозаи қисми ғарбии ш. Душанбе, ки яке аз дарвозаҳои таърихӣ ва зебои шаҳр буд, тахриб гардид. Инак бо гузашти беш аз чаҳор сол ҳанӯз ҳам дарвозаи наве ҷойи он бунёд нагаштааст.

Нафароне, ки аз қисми ғарбии шаҳр ба Душанбе ворид мешаванд, махсусан меҳмонон ё сайёҳон аз кишвари ҳамсоя, аз набудани дарвоза ба ҳайрат меоянд.

Аз масъулин суол кардани ҳастем, ки дарвозаи ин қисмати шаҳр кай бунёд мешавад?

**Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ,**
**донишҷӯ**



*Ҳама чиз дар бораи IT*



*Муаллифи гӯша:*
**Максим ШУМСКИХ,**
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
**Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:**
t.me/matador_it

# СОМОНАРО БИХАРЕМ Ё БИСОЗЕМ?

**«Аз як тараф, роҳи ташкили тиҷорати шахсии худ дар Интернет хеле содда ва дастрас менамояд. Баъзан ба шумо лозим меояд, ки… танҳо ба интернет ворид шавед!».**

### Қадами аввал

Оё шумо тасмим гирифтед, ки тиҷорати онлайнии худро оғоз намоед ва меҳоҳед хароҷотро кам кунед? Новобаста аз он, ки шумо хидмат мерасонед, молро дар мағозаи онлайнӣ мефурӯшед ё хидмати махсус эҷод мекунед, сомона як қисми ҷудонашавандаи муваффақияти шумо хоҳад буд.

### Роҳҳои таҳияи сомона

Дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки сохтани сомона кори душвор ва гаронарзиш аст. Аммо, намунаҳои гуногун мавҷуданд, ки метавонанд барои шумо вақт ва хароҷоти эҷоду тарроҳии сомонаро коҳиш диҳанд.

### Намуна

Намунаи аввал харидории як қолиби омода аст. Дар бозор шумораи зиёди қолибҳо мавҷуданд, ки аллакай дорои функсияҳои асосӣ ва тарҳрезии сомона мебошанд. Шумо метавонед якеро интихоб кунед, ки ба тиҷорати шумо мувофиқ бошад ва онро мувофиқи эҳтиёҷоти худ танзим намоед. Ин як роҳи камхарҷ ва фаврии таҳияи сомона аст, аммо метавонад мутобиқсозӣ ва функсияҳои шуморо маҳдуд намояд.

### Созмондиҳанда

Намунаи дигар - ин истифодаи платформаҳо ва тарроҳони ройгон аст. Бисёр платформаҳо ва тарроҳоне мавҷуданд, ки ба шумо имкон медиҳанд, то бидуни малакаҳои махсуси барномасозӣ сомонаҳо таҳия намоед. Шумо метавонед қолиби дилхоҳатонро интихоб намоед ва бо истифода аз танзимсозӣ фаъолияти онро оғоз бахшед. Ин намуна аз нуқтаи назари арзиш дастрастар аст, аммо метавонад аз нигоҳи вазифа ва тарроҳӣ маҳдудият дошта бошад.

### Коркарди фармоишӣ

Агар фардият ва озодии комил дар мутобиқсозии сомона барои шумо муҳим бошад, пас намунаи дигар - таҳияи сомонаи инфиродӣ метавонад аз ҳама мувофиқ бошад. Шумо бояд бо таҳиягарони сомонаи касбӣ тамос гиред, ки метавонанд мувофиқи ниёзҳо ва талаботи шумо сомона таҳия кунанд. Ин як раванди меҳнатталаб аст ва метавонад сармоягузории бештари молиявиро талаб намояд, аммо шумо ҳадди ақал тарҳи беназирро ба даст хоҳед овард.

Дар ҳар сурат, интихоб аз ҳадафҳои тиҷоратии шумо, бучет ва вақте вобаста аст, ки шумо меҳоҳед барои сохтани сомона сарф кунед. Дар хотир доред, ки сомонаи шумо чеҳраи тиҷоратии шумо дар Интернет аст. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ба эҷод ва тарҳрезии он диққати лозима дода шавад. Эҳтиёҷоти худро дар хотир нигоҳ доред ва шунавандагони мақсадноки худро фаромӯш насозед.

### Арзиши интихоб

Дар ниҳоят, интихоби дуруст аз хусусиятҳои тиҷорати шумо ва афзалиятҳои шахсиятон вобаста аст. Қарорҳои тайёр ва тарроҳон метавонанд барои тиҷорати хурд бо буҷаҳои маҳдуд ва ниёзҳои дастрас имконоти хуб бошанд. Аммо, таҳияи сомонаи фармоишӣ барои ширкатҳое, ки тарҳрезӣ ва функсияҳои беназирро талаб мекунанд ва инчунин барои онҳое, ки омодаанд дар оянда худ дар Интернет сармоягузорӣ кунанд, мувофиқтар хоҳад буд.

**АГАР ЯГОН СУОЛАТОН БОҚӢ МОНДА БОШАД, МЕТАВОНЕД ШАХСАН БА МАН ТАВАССУТИ ТЕЛЕГРАММ НАВИСЕД: @GKMATADOR**



# ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ:
# СОХТМОНИ МАКТАБ ДУ ҚАРН АСТ, КИ БА ОХИР НАМЕРАСАД





**Дар дохили муассисаи таълимии №6-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бинои сохтмонаш нотамом мавҷуд аст. Сохтмони иншооти мавриди назар пеш аз замони соҳибистиқлолии кишвар оғоз шуда, мутаассифона, ҳанӯз ба охир нарасидааст.**

### Бо хазинаи “андак - мундак” немашавад

Гулрухсор Миракзода, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мегӯяд, ки корҳои сохтмонӣ дар бинои асосии муассисаи таълимии №6 ҳанӯз соли 1988-и қарни гузашта оғоз шуда, бо сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ нотамом мондааст.

“Дар соли 2021, замоне, ки ман роҳбари муассисаи таълимии №6 будам, дар яке аз рӯзҳои қабули шаҳрвандон ба Курбон Ҳакимзода, собиқ раиси вилояти Хатлон дар ин масъала муроҷиат кардем. Бо супориши он кас омада диданд. Вале дар ҳақиқат муассисаро бо маблағи андак - мундак сохтан номумкин аст. Ҳоло муассисаи таълимӣ дар мувозинати Вазорати маориф ва илм аст. Аллакай аз тендер гузаштааст. Боварӣ дорем, ки имсол корҳои сохтмонӣ шуруъ мешаванд”,- гуфт Г. Миракзода.

### Дар мувозинати мо нест…

Шарифбек Одинаев, сардори шуъбаи сохтмони асосии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мегӯяд, ки “муассисаи таълимии сохтмонаш нотатмом дар мувозинати мо нест”. Ӯ афзуд, ки “дар соли 2023 ба идораи мо 2 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ҷудо мешавад. Дар мувозинати идораи мо сохтмони 4 иншоот ба нақша гирифта шудааст у халос”.

- Сохтмони бинои асосии муассисаи таълимии рақами 6 ба идораи мо вобаста нашудааст. Агар аз шуъбаи маориф ба унвони раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ мактуб кунанд, мумкин аст, ки дар нақшаи солҳои оянда ворид кунем,- афзуд ӯ.

### Ваъдаи соҳибкорон иҷро мешавад?

Дилшод Сафаров, директори муассисаи таълимии рақами 6-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ хилофи гуфтаҳои Гулрухсор Миракзода, мегӯяд, соҳибкорон ваъда кардаанд, ки биноро месозанд: “Онҳо дар суҳбат бо раиси ноҳия гуфтанд, ки рӯзҳои наздик мо ҳамин биноро месозем. Бинои ҳозираи муассиса бо дастгирии роҳбарияти ноҳия таъмир шудааст”.

Муассисаи таълимии рақами 6-ум 22 синфхона ва 950 хонанда доштааст. Мо мушоҳида кардем, ки чанд синфхонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ шароити хуб надорад. Боз дар баъзе аз синфхонаҳо дар як мизу курсӣ се хонанда нишастаанд.

**Машраби АЛОВИДДИН**

## САФИРИ ТОҶИКИСТОН ДАР КУВАЙТ МАКТАБ БУНЁД КАРД



**Дар деҳаи Каздони ноҳияи Айнӣ бинои нави мактаби №48 ба истифода дода шуд.**

Дар маросими ифтитоҳи бинои навбунёди таълимӣ раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон Раҳим Саидзода, Сафири Тоҷикистон дар Кувайт Зубайдулло Зубайдзода, намояндаи Ҳукумати мамлакат Раҳим Санъат Асо, раиси ноҳияи Айнӣ Муқим Муродзода ва дигар шахсони расмӣ иштирок намуданд.

Корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти таълимӣ дар доираи корҳои ободониву созандагӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон моҳи марти соли 2022 оғоз ёфта буд. Мактаби навбунёд барои 320 хонанда дар як баст пешбинӣ гардида, он аз ду ошёна иборат мебошад. Дар бунёди ин мактаби замонавӣ Сафири Тоҷикистон дар Кувайт Зубайдулло Зубайдзода бо аҳли пайвандонаш саҳми намоён доранд.








# ПИРӮЗӢ МУБОРАК, ЁВОН!

**Пахтаро беҳуда боигарии асосии давлат, тиллои сафед ва рӯйи сурхи марди деҳқон арзёбӣ накардаанд. Ҳамин маънӣ аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳи давлату Ҳукумат ҷиҳати афзун намудани кишт ва истеҳсоли ин дури гаронбаҳо афзун мегардад.**

Ноҳияи Ёвон, ки аз ибтидо ҳамчун ноҳияи аграрии пахтакор дар сатҳи ҷумҳурӣ маъруфу машҳур аст, деҳқонҳои матинироданш зери сиёсати пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дилгармона барои амалӣ намудани ҳадафи стратегии кишвар ва истеҳсоли ашёи хоми ватанӣ талош меварзанд.

Дар асоси дастгириҳову муҳайё намудани шароитҳои мусоид, аз ҷониби Раиси муҳтарами ноҳия Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода барои деҳқонон имсол аҳли заҳмати ноҳия дар майдони 10162 га пунбадона кишт намуда, то рӯзи 7-уми ноябри соли 2023 ба нуқтаҳои қабул 23820 тонна тиллои сафед ворид намуданд, ки ин 100 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил намуд.

Самараи меҳнатҳои шабонарӯзӣ буд, ки субҳи рӯзи 9-уми ноябри соли равон аҳли заҳмати ноҳия зери роҳбарии Раиси тозатаъин Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода дар самти сарбаландона иҷро гардидани нақшаи пахта муждаи расониданд, ки ин навиди зафарёбӣ мардуми меҳнатқарини ноҳияро хушнуду сарафроз гардонид.

Банда беҳуда дар чандин суханрониву навиштаҳоям Раиси муҳтарами ноҳияро "Раиси неккадам" нагуфтаам. Ниятҳои ободкориву созандагияшон ҳамчун як роҳбари порсову дурандеш сазовори дастгирист. Бо талоши эшон ноҳия дар ҳама самт ба пеш қадамҳои устувор мегузорад.

Раиси ноҳия барои деҳқонон тамоми шароитҳоро фароҳам оварданд. Самараи ин дастгириҳо аст, ки деҳқонони ноҳия имсол пахтаи бо арақи ҷабин коштаи хешро беталаф ва бо сифати баланд нисбат аз соли гузашта ҷамъоварӣ намуда, ба хирмани кишвар ба миқдори 23820 тонна тиллои сафед ворид намуданд ва дар таъмини ашёи хоми ватанӣ саҳми созгор гузоштанд.

Ман ҳамчун як сокини ноҳияи пахтакори Ёвон пеш аз ҳама ин муждаи пирӯзиро рӯйи сурхи Раиси муҳтарами ноҳия Шарифӣ Бахтиёр Маҳмудзода арзёбӣ намуда, ба ҳамаи аҳли заҳмати ноҳия, шуруъ аз раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, масъулини блоки кишоварзии ноҳия ва кулли деҳқонони зафарманду соҳибиродаи ёвонӣ табрик ва ташаккур мегӯям.

Муборак ва боз ҳам муборак аст, муждаи пирӯзӣ ва зафармандӣ!

**Саёҳат АБДУЛЛОЗОДА,**
**муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон**

# ШАҲР ДАР ДОМАНИ КУҲ

## Аз ифтитоҳи корхона то тарабхона дар зодгоҳи Саидмурод Давлатов



**60 километр роҳро аз маркази ноҳияи Айнӣ то деҳаи Дарғ дар се соат тай намудем. Роҳ тангу валангор, пур аз аз чангу хок. Аммо роҳи дохили деҳаи Дарғ ҳамвору асфалтпӯш. Ин деҳа зодгоҳи соҳибкор ва устоди бизнес - тренер Саидмурод Давлатов аст. Маҳз бо саҳми ин соҳибкор роҳи деҳа ободу чанд корхона бунёд шудааст. Сафари мо низ ба ин деҳа ба муносибати иштирок дар ифтитоҳи чандин иншоот буд.**





13-уми ноябр мардуми деҳаи Дарғ хурсандӣ доштанд. Дар ҳошияи сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд, инчо биноҳои нави мактаб, беморхона, тарабхона, боғи Парчам, корхона, роҳҳои пас аз таъмир ба истифода дода шуданд.

### Корхонаи қолинбофӣ барои занон

Дар деҳаи Дарғи ноҳияи Айнӣ корхонаҳои қолинбофӣ, коркарди мева ба истифода дода шуданд. Ин коргоҳҳо ба соҳибкори муваффақ ва устоди бизнес - тренер Саидмурод Давлатов марбут мебошанд. Дар ифтитоҳи расмӣ раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, худи соҳибкор Саидмурод Давлатов ва дигар шахсони расмӣ иштирок доштанд. Тавре таъкид гардид, маҳсулоти корхона пурра ба содирот пешбинӣ шудааст.

Саидмурод Давлатов дар суҳбат изҳор дошт, ки мақсади ӯ гузоштани саҳм дар рушди саноати кишвар ва бо кор таъмин кардани сокинони деҳа аст. Бинобар ин, бунёди корхонаҳоро дар зодгоҳаш ба роҳ мондааст. “Мақсад гузоштам, ки корхонае бунёд созам, то ашёи хом дар деҳа коркард шавад. Дар 20 - 30 соли охир пашми бузу гӯсфанд коркард нашуд. Акнун пашме, ки мардум мепартоянд, мо аз онҳо харидорӣ карда, коркарду аз он гилем тайёр мекунем. Мо мутахассисонро аз Туркманистон барои омӯзиши занҳои деҳот чалб намудем. Аввал риштаро омода сохта, сипас гилем мебофанд”,- изҳор дошт номбурда.

Ба андешаи Саидмурод Давлатов, бунёди чунин коргоҳ аз чанд ҷиҳат ба манфиат аст. Якум, ашёи хом аз худи деҳа аст. Дуюм, аз 60 то 100 нафар занҳои хонанишин бо кор таъмин мешаванд. Сеюм, гилеми тайёр ба содирот пешбинӣ шудааст. Чорум, бештари занҳои деҳа ба кори сиёҳу замин машғуланд. Онҳо дар натиҷа саломатиро аз даст дода, на ҳама имкони табобат доранд. Ин корхона барои онҳо муфиду осон аст ва даромад ба даст меоранд. Ҳар зан имкон дорад, ки аз 2 то 3 ҳазор сомонӣ дар як моҳ маош гирад. Ин аз ҳаҷми кор низ вобаста аст.

“Мо ният дорем, ки аз дигар деҳаҳои атрофи Дарғ, аз ҷумла Вешабу Шамтуч, Каздон занҳоро ба омӯзишу шуғл фаро гирем. Яъне, ҳадаф дорем, ки ба ин монанд корхонаҳои дигар бунёд кунему онҳо низ бо кор таъмин шаванд. Ин модели хуби сохтани ҷойи кор аст, ки барои беҳбудии зиндагии халқ равона шудааст”,- мегӯяд соҳибкор Давлатов.

Ҳангоми муаррифии колинҳо дар назди мақомодорон Саидмурод Давлатов иброз дошт, ки нақшу нигори қолинҳо аз масчиди деҳа гирифта шудаанд. Масчиди деҳа бошад, беш аз 200 сол пеш бунёду сақфи он аз чӯнаби устоҳои номӣ кандакорӣ шудааст. Ҳадаф аз ин муаррифии фарҳанги тоҷик дар хориҷи кишвар аст.

“Ҳоло гилеми калон аз мӯд рафтааст. Дар хориҷа бештар гилемҳои андозаи хурду қулайро истифода мебаранд. Махсусан, дар меҳмонхонаву марказҳои тиҷоратӣ. Азбаски дар қолинҳо заҳмати дастӣ бештар аст, нарх низ гаронтар аст. Арзиши як гилем аз 10 000 сомонӣ бештар аст”,- изҳор





дошт Саидмурод Давлатов ба меҳмонон.

### Пешгирӣ аз талафёбӣ

Коргоҳи дигаре, ки дар зодгоҳи Саидмурод Давлатов оғоз ба фаъолият кард, коркард ва бандубасти мева аст. Таъкид гардид, ки бунёди ин корхона низ бо ҳадафи таъмини сокинон бо кор ва пешгирӣ аз талафи маҳсулот мебошад. Зеро бинобар дурии роҳ, таъмин набудани шароити транзитӣ, мардум содирот карда наметавонанд. Ба гуфтаи Саидмурод Давлатов, бинобар таҷрибаи ками боғдорӣ, 70 фоизи мева талаф меёбад. “Агар як қисмашро хушк кунанд, қисми дигарро ҳамчун тар истифода мекунанд. Аз 50 то 60 фоиз талаф меёбад. Мо мақсад дорем, ки аз аҳолӣ харида, дар корхона коркард кунем. Тут, зардолу, себ, дӯлона, шиповник, кот, зирк, зира ва дар маҷмӯъ 11 намуд маҳсулот дар қолаби банду баст коркарду содирот карда хоҳад шуд. Бозори мо асосан Русия пешбинӣ шудааст. Ният дорем, ки ба Малайзия ва Сингапур низ содирот намоем”,- таъкид дошт соҳибкор.

### Биноҳои баландошёна дар деҳа

Яке аз ташаббусҳои дигари Саидмурод Давлатов дар зодгоҳаш бунёди биноҳои баландошёна, танӯрҳои барқӣ аст. Нақшаи сохтмони онҳо низ ба раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва дигар меҳмонон муаррифӣ карда шуд.

“Якум, дар ҳар оила аз 5 то 7 нафар зиндагӣ мекунанд. Ҷой кам аст. Вақте ки фарзандҳо калон мешаванд, муҳоҷир шуда мераванд. Дуюм, вақте ки барои гирифтани маълумоти олӣ мераванд, дигар ба деҳа барнамегарданд. Ба хулоса омадам, ки агар 5-6 бинои баландошёна созем, мардум камтар рӯ ба шаҳр меоранд. Ҳамчунин, табиати деҳа форам ва барои рушди сайёҳии кӯҳӣ муфид аст. Мақсад дорем, ки то 35- солагии Истиқлоли давлатӣ биноҳоро бунёд намоем. Ҳадафи мо бунёди шаҳрак бо инфрасохтори замонавӣ мебошад. Таъмири роҳи байни деҳаи Дарғро низ мо ба хотири пешрафти сокинон анҷом додем”,- гуфт Саидмурод Давлатов.

**Усмон РАҲИМЗОДА**



**Муаррихи номвари тоҷик, профессор Усмонҷон Ғаффоров, ки 27-уми октябри соли равон аз олам даргузашт, беш аз 50 сол ба таҳқиқи рӯзгор ва осори академик Бобоҷон Ғафуров машғул буд ва дар ин замина 5 китоб ва беш аз 100 мақола ба нашр расонид. Яке аз нигоштаҳои ҷолиби марҳум шабоҳатҳои Шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Бобоҷон Ғафуров - роҳбари Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ аст, ки солҳои 90-ум нашр шудааст. Ин мақоларо бо андаке ихтисор дар остонаи таҷлили 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров бознашр мекунем.**

**АЗ ИДОРА**



# ИСМОИЛИ СОМОНӢ ВА БОБОҶОН ҒАФУРОВ

## 10 монандии 2 сарвари тоҷикон

Ҳини кушодани Академияи илмҳои Тоҷикистон, 14-уми апрели соли 1951 сарвари ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ Б. Ғ. Ғафуров гуфта буд: «Мо метавонем истеҳсоли пахтаро ба 1 миллион тонна расонем, аммо бо ин касеро ба ҳайрат намегузорем. Аммо эҳёи таъриху маданияти мо ва махсусан замони тиллоии он - Сомониён метавонад шуҳрати аз даст рафтаи халқи тоҷикро барқарор кунад». Воқеан, худи Бобоҷон Ғафуров аз нахустин нафароне буд, ки ба ин кор азм кард. Ӯ баъди он, ки директори Институти шарқшиносии АИ ИҶШС таъин гардид, дар Кунгураи XXIV байналхалқии ховаршиносон дар Мюнхен соли 1957 тахти унвони «Сабабҳои болоравӣ ва инқирози Сомониён» аввалин маърӯзаи илмиро ироа намуд ва ба таҳқиқи давраи Сомониён роҳ кушод.

Мо дар асоси омӯзиши ҳаёти сиёсию фарҳангӣ ва давлатдории ин ду симои барҷастаи таърихи халқамон дарк кардем, ки тақдири Исмоили Сомонию Бобоҷон Ғафуров аз бисёр ҷиҳат як аст ва онҳо бахри халқи хеш як хел корҳои наҷибро ба сомон расонидаанд.

**1.** Таърих гувоҳ аст, ки барои сарвари ҳақиқии давлат ва мардум шудан вай бояд донишманд, бофарҳанг, хештаншинос, соҳибмаълумот бошад. Ин вобаста аз он аст, ки ӯ чӣ гуна сарвар аст, хоҳ подшоҳи як мамлакат бошаду хоҳ ҳоким ё мансабдори як вилоят. Аз ин лиҳоз, аз ҷиҳати хислату ҷасорат ва зеби сарварӣ будан, ҳарду бузургворони миллат - Исмоили Сомонию Бобоҷон Ғафуров шабеҳанд.

**2.** Дар замони Исмоили Сомонӣ ва ворисони вай идоракунии мамлакат аз тарафи вазирони бомаърифат ва оқилони давр, ба монанди Балъамию Ҷайҳонӣ ва Утбӣ сурат мегирифт. Бобоҷон Ғафуров ҳам дар давраи сарвари ҷумҳурӣ будан дар атрофи хеш Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Абдулаҳад Қаҳҳоров барин шахсони кордону раиятпарвар ва хирадмандро ҷамъ карда буд, ки ҳар яки онҳо дар таърихи халқамон номи нек гузоштаанд.

**3.** Дар аҳди Исмоили Сомонӣ ва ҳам ворисонаш беҳтарин намояндагони аҳли илму адаб дар пойтахти мамлакат - шаҳри Бухоро гирд оварда мешуд. Маликушшуарои тоҷик Рӯдакӣ аз зумраи онҳо буд. Дар давраи Сомониён мувофиқи маълумоти тазкиранависи асри X Абӯмансур Абдумалик ибн Муҳаммад ас-Саолабӣ, ки дар «Ятимат-ут-даҳр» меоварад, дар Бухоро 119 нафар шоир ҳаёт ба сар мебурданд. Гурӯҳи калони аҳли илм машғули пажӯҳишу эҷод буданд.

Дар давраи сарварии Б. Ғафуров низ аксари адибон, аз нависандаи ҷавони умедбахш Пӯлод Толиси 17-сола сар карда, то адиби тавонои мо Айнии 70-сола дар пойтахти ҷумҳуриамон - шаҳри Сталинобод ҷамъ шуданд. Олимони боистеъдоде мисли Зариф ва Солеҳ Раҷабовҳо, тоҷикшиносони асили рус мисли М. С. Андреев ва А. А. Семёнов, зану шавҳар Б. А. Литвинский ва Е. А. Давидова ба Тоҷикистон даъват шуданд.

**4.** Китобхонаи асил тавлидгоҳи фарзандони ҳар миллату давлат аст. Биноан, дар Давлати Сомониён пеш аз ҳама китобхона бунёд ёфт. Маҳз дар замони Исмоили Сомонӣ китобхонаи боҳашамматӣ Бухоро «Савон-ул-ҳикмат» арзи вуҷуд кард. Рамзист, ки бо саъй ва кӯшиши Б. Ғафуров соли 1954 биноӣ боҳашамматӣ Китобхонаи Фирдавсӣ ба истифода дода шуд. Ва бо ҳидояти устод барои ин боргоҳи маърифат нодиртарин дастхату китобҳои ниёгонро ҷамъ оварданд.

**5.** Дар замони Исмоили Сомонӣ дар Мовароуннаҳр, дар маркази Давлати Сомониён - шаҳри Бухоро нахустин мадраса чун махзани илму дониш кушода шуд. Рамзист, ки дар давраи сарварии Б. Ғафуров, бо ташаббуси шахсии ӯ соли 1948 нахустин Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кушода шуд. Инчунин, бо кӯшиши Б. Ғафуров соли 1956 Институти политехникӣ ба фаъолият сар кард.

**6.** Дар аҳди Сомониён ва бахусус давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ санъати мусиқии “Дувоздаҳмақом” эҷод шуд. Дар асрҳои XV-XVI аз он дурдона “Шашмақом” боқӣ монд, ки мутаассифона дар оғози қарни XX қариб аз байн рафта буд. Шукри бепоён, ки ба шарофати ғамхорӣ ва кӯшишҳои Б. Ғафуров ин мероси бебаҳои мусиқии мо аз нав эҳё шуд.

Бо даъвати Б. Ғафуров мақомхонони машҳури тоҷик, ба монанди Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов ба Сталинобод омаданд ва ҳамаи 252 оҳанги “Шашмақом” ба нота гирифта шуд.

**7.** Агар дар замони Исмоили Сомонӣ илми тоҷик дар маркази давлат - шаҳри Бухоро ташаккул ёфта бошад, пас дар давраи сарварии Б. Ғафуров илми тоҷик бо таъсиси Академияи илмҳо (с. 1951) дар Тоҷикистони Шӯравӣ ташаккул меёбад.

**8.** Дар давраи Исмоили Сомонӣ ва ворисони вай дини мубини Ислом дини давлатӣ буд. Дар ҳамин замон китобати мусҳафи шариф - «Қуръон» дар Бухоро оғоз шуд. Аввалин маротиба Табарӣ тафсири онро бо номи «Ҷомеъ-ул-баён-таъвилил-Қуръон» навишт. Ин китоб дар хоки поки Бухорои шариф ба тақозои хотири марди фозил амир Абӯсолеҳ, Мансур ибни Нуҳ ибни Насри Сомонӣ (961-976) аз тарафи Абдулфазли Балъамӣ аз арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Хело рамзист, ки дар давраи Шӯравӣ, дар замоне, ки кас калимаҳои Қуръон, Библия, Инҷилро ба забон гирифта наметавонист, Б. Ғафуров ҷасурона ба нашри русии Қуръон камари ҳиммат баст ва тарҷумаи русии Қуръон, ки ҳанӯз соли 1930 аз тарафи академик, шарқшиноси барҷастаи рус И. Ю. Крачковский ба итмом расонида шуда буд, баъди 33 сол рӯи чопро дид. Ба шарофати Б. Ғафуров «Қуръон» ба забони русӣ соли 1963 дар нашриёти «Восточная литература»-и Маскав чоп шуд.

**9.** Дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ ва хонадони вай аввалин маротиба тавофи Каъбатуллоҳ сар шуд. Уламою фузалои аҳди Сомониён ба Маккаи Мукаррамаю Мадинаи Мунаввара сафари муборaки ҳаҷро оғоз намуданд. Дар замони Шӯравӣ бошад, Б. Ғафуров аввалин маротиба ба таври расмӣ аз байни аҳли илм соли 1974 тавофи Каъба кард. То академик Б. Ғафуров ҳеҷ як донишманд ба сафари ҳаҷ нарафта буд.

**10.** Ҳамон навъе, ки Б. Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» меоварад:

«Исмоили Сомонӣ чун садди Бухоро, яъне девори мустаҳками он буд. Баъди вафоташ ин девор рахна мешавад ва охирон футур меравад».

Б. Ғафуров ҳам дар замони навини Шӯравӣ барои халқи тоҷик чун як девори мустаҳкам буд, чун сутуни тавонои миллат буд. Мутаассифона, баъди даргузашти чунин бузургмарди миллат дар сарзамини мо низ рахна сар шуд ва он охирон ба ҷанги бародаркуш оварда расонд. Шукр ба Худо, ки ба шарофати давлати кунунӣ бо сардории Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон анъанаҳои хуби Исмоили Сомонӣ ва Бобоҷон Ғафуров аз нав эҳё шуданд ва идома меёбанд.



**Усмонҷон ҒАФФОРОВ, профессор**

## АВВАЛИН ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ТОҶИКИСТОН



**13-уми ноябри соли 1896 Абдулло Ёрмуҳаммадов, аввалин вазири корҳои дохилии Тоҷикистон ба дунё омадааст.**

Аввалин Комиссари халқии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон яке аз муборизони барқароркунии Ҳукумати Шӯравӣ дар Осиёи Миёна Абдулло Ёрмуҳаммад шинохта шуда, сардори милитсия яке аз муборизони фаъоли зидди босмачиҳо аз тарафи Комиссариати халқӣ Франс Яковлевич Ижевский таъин гардида буд.

Ёрмуҳаммадов ҳамчун шахси кордида, соҳибтаҷриба ва "комиссари оҳанин" машҳур буда, 14-уми декабри соли 1924 ба вазифаи комиссари халқии корҳои дохилии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъин гаштааст. Даврai роҳбарии Абдулло Ёрмуҳаммадов солҳои 1924 то 1927-ро дар бар мегирад.

**Р. МИРЗО**

САМБО

# СЕ МЕДАЛИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

**Аз 10 то 12-уми ноябр дар шаҳри Иравони Арманистон Чемпионати ҷаҳонии самбо баргузор шуд, ки дар он паҳлавонони тоҷик ҳам дар самбои варзишӣ ва ҳам дар самбои размӣ ширкат карданд.**




Тоҷикистонро дар ин мусобиқа Акмалиддин Каримов дар вазни то 58 кг, Хушкадам Хусравов дар вазни то 64 кг, Деваштич Убайдӣ дар вазни то 79 кг, Зафар Олимшоев дар вазни то 88 кг, Бахтовар Замиров дар вазни то 98 ва дар самбои размӣ Бобохон Мирзозода дар вазни то 58 кг, Сорбон Латипов дар вазни то 64 кг, Худоёр Раҷабзода дар вазни то 71 кг ва Сарвар Ҳотамбекзода дар вазни то 88 кг муаррифӣ намуданд.

Паҳлавонони тоҷик дар ин мусобиқаи байналмилалӣ тавонистанд, ки соҳиби се медал шаванд. Акмалиддин Каримов дар вазни то 58 кг дар рӯзи якуми мусобиқа аввалин медали биринҷиро соҳиб шуд. Бобохон Мирзозодаи 25-сола дар вазни то 58 кг аз самбои размӣ дар рӯзи дуюми мусобиқа ба гирифтани медали биринҷии дуюм даст ёфт. Дар рӯзи охири чемпионати ҷаҳон Худоёр Раҷабзода дар вазни то 71 кг аз самбои размӣ ба гирифтани медали биринҷии сеюм ноил гардид.

Ба ғолибону ҷоизадорони мусобиқот дар рақобатҳои инфиродӣ ба ғайр аз медал инчунин ҷоизаҳои молӣ дода шуд, ки барои ҷойи аввал 4000 доллар, ҷойи дуюм 3000 доллар ва барои ҷойҳои сеюм 2000-долларӣ тақдим шуд.

Дар солҳои соҳибистиклолии Тоҷикистон се паҳлавони шинохтаи тоҷик унвони чемпиони ҷаҳонро дар куштии самбо ба даст овардаанд, ки инҳо Беҳрӯз Хоҷазода (соли 2017), Хушкадам Хусравов (соли 2018) ва Акмалиддин Каримов (соли 2021) ҳастанд.

КУШТӢ



# 7 ПАҲЛАВОН ТОҶИКИСТОНРО ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН НАМОЯНДАГӢ МЕКУНАНД

**Аз 23 то 28-уми ноябр дар шаҳри Ашқободи кишвари Туркманистон Чемпионати 14-уми ҷаҳонии кураш-2023 баргузор мешавад, ки дар он намояндаҳои Тоҷикистон низ ширкат мекунанд.**

Рақобатҳо дар 14 вазн (7 вазн миёни мардон ва 7 вазн миёни бонувон) баргузор мегардад. Дар мусобиқаи мазкур 400 варзишгар аз 57 кишвари ҷаҳон ширкат хоҳанд кард.

Тоҷикистонро дар ин мусобиқа Муслимбек Каримов дар вазни то 60 кг, Хайрандеш Муродзода дар вазни то 66 кг, Наврӯзи Каримзод дар вазни то 73 кг, Мирзоҷамил Рамазонов дар вазни то 81 кг, Ҳақназар Назаров дар вазни то 90 кг, Фирдавс Насимов дар вазни то 100 кг ва Хуршед Маҷидов дар вазни ҷамъи 100 кг намояндагӣ мекунанд.

БОКС

# «ИСТИҚЛОЛ» ВА «СОРО КОМПАНИЯ» БАРОИ ЧЕМПИОНӢ МУБОРИЗА МЕБАРАНД

**Дастаҳои «Истиқлол» ва «Соро компания» ду бозиро дар доираи силсилаи бозиҳои ниҳоии Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 баргузор карданд.**



Дар бозии аввали силсилаи марҳилаи ниҳоии Суперлигаи футзали Тоҷикистон-2023 дастаи чемпиони феълии кишвар - бошгоҳи «Соро компания» бо ҳисоби 1:0 муқобили «Истиқлол» пирӯзӣ ба даст овард. Голи ягонаро дар дақиқаи 26-уми қисми дуюми вохӯрӣ Муҳаммадҷон Шарипов вориди дарвозаи «Истиқлол» кард.

Бозии дуюми дастаҳо дар Кохи олимпи шаҳри Душанбе баргузор шуда, бо пирӯзии дастаи «Истиқлол» хотима ёфт. Бозӣ дар вақти асосӣ ва иловагӣ 3:3 шуд ва бо задани пеналтӣ «Истиқлол» бо натиҷаи 5:3 дастболо гардид. Бо ҳамин тартиб, дар силсилаи ниҳоӣ ҳисоби умумӣ 1:1 шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки силсилаи ниҳоии Суперлигаи Тоҷикистон се пирӯзии яке аз дастаҳоро дар бар мегирад. Бозиҳои навбатӣ охири ҳафта баргузор мешаванд.

ФУТБОЛ

# ҶОМИ ҶАҲОН-2026: ТОҶИКИСТОН БО УРДУН БОЗӢ МЕКУНАД

**Рӯзи 16-уми ноябр дар шаҳри Душанбе вохӯрии аввалини даври дуюми марҳилаи гурӯҳии бозиҳои интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи «G» миёни дастаҳои Тоҷикистон ва Урдун баргузор мешавад.**




Сармураббии дастаи мунтахаби Тоҷикистон мутахассис аз Крувосӣ Петр Сегрт ба ҳайати даста 24 бозигарро даъват кардааст, ки инҳо 3 дарвозабон, 7 ҳимоятгар, 10 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагаранд. Даста омодагӣ ба бозиро аз 10-уми ноябр дар Душанбе оғоз кард.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар як гурӯҳ бо дастаҳои Арабистони Саудӣ, Урдун ва Покистон бозӣ мекунад. Аз ҳар гурӯҳ ду дастаи ҷойи аввал ба марҳилаи сеюми интихобӣ роҳ меёбанд.

Бозии аввали шогирдони Сегрт дар Душанбе баргузор мешавад. Ин бозиро ҳакамон аз Ироқ доварӣ мекунанд. Довари марказии бозӣ довари 46-солаи FIFA Алӣ Сабоҳ Аддай Ал-Қаисӣ таъйин шуд. Дар майдон ба ӯ ҳамватанонаш - ёварони довари FIFA Ҳайдар Абдулҳасан Алӣ Убайдӣ ва Амир Довуд Ҳусейн Ал-Виндавӣ кумак мекунанд.

Бозии дуюмро рӯзи 21-уми ноябр футболбозони тоҷик дар сафар бо дастаи Покистон баргузор мекунанд, ки ин вохӯриро ҳайати доварон аз Ҷопон ҳакамӣ мекунанд. Юсуке Аракӣ довари марказӣ таъйин шуд. Ҷун Михара ва Кота Ватанабе ба ҳайси ёвар фаъолият хоҳанд кард.

## РЕЗААХБОР

Дар рӯзҳои FIFA дар моҳи ноябр дар шаҳри Душанбе силсилабозиҳои дӯстона миёни дастаҳои мунтахаби наврасони Тоҷикистон ва Русия баргузор мешаванд. Дастаи наврасони Тоҷикистон (U-17) тахти роҳбарии Юсуф Рабиев рӯзҳои 17 ва 20-уми ноябр ва дастаи мунтахаби наврасони то 15-сола тахти роҳбарии Далер Каёсов низ рӯзҳои 18 ва 21-уми ноябр бо ҳамсолони худ аз Русия бозиҳои санҷишӣ анҷом медиҳанд.

***

Дастаи мунтахаби футболи кишвари Эритрея дар Ҷоми ҷаҳонии соли 2026 ширкат нахоҳад кард. Федератсияи футболи ин кишвар ба далели нигаронӣ аз он ки ҳангоми сафар ба хориҷа футболбозон талош хоҳанд кард, ба ватан барнагарданд, тасмим гирифтааст дастаро аз ширкат дар мусобиқот боздорад. Эритрея аз соли 2020 ба ин тараф бозӣ намекунад ва аз рейтинги FIFA хориҷ карда шудааст. Дар соли 2022 гузориш шуда буд, ки дар тӯли 13 соли гузашта беш аз 60 футболбоз аз ин кишвар гурехтаанд.

***

Дар охирин мусобиқаи "Сайри ҷаҳонии чудо-2023" - Гранд Слами Токио, ки аз 2 то 4-уми декабр баргузор мешавад, Тоҷикистонро миёни мардҳо Меҳрзод Суфиев, Муҳаммадсолеҳ Кувватов (-60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ, Обид Чебов (-66 кг), Абубакр Шеров, Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков, Муҳаммадҷон Абдуҷалилов (-81 кг), Комроншоҳ Устопириён, Умедҷон Раҷабов (-90 кг) ва Эмомризо Анварзода (-100 кг) намояндагӣ мекунанд.

***

Набарди размикори тоҷик Нурулло Алиев дар мусобиқаи UFC 295, ки бояд рӯзи 11-уми ноябр дар Ню-Йорк баргузор мешуд, лағв шуд. Пизишкони UFC ба ӯ иҷозат надодаанд, ки дар ин набард ширкат кунад, зеро бояд пояш ҷарроҳӣ шавад. Рақиби Алиев мебоист Матеуш Ребеккӣ аз Лаҳистон мебуд. Алиев дар моҳи феврали соли 2023 дар мусобиқаи UFC Fight Night 220 бори аввал Рафаэл Алвесро шикаст дод. Вай 9 ғалаба дорад ва ҳеҷ бохт надорад.



## МАРД ҲАМСАРАШРО БО ҚАЙЧӢ ЗАХМӢ КАРД

**Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон хабар дод, ки як сокини пойтахт дар ҷараёни мунокишаи оилавӣ ба бадани ҳамсараш бо қайчӣ чанд зарба задааст.**

Бино ба иттилои ВКД, ба ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ зани 36-сола субҳи 9-уми ноябр худаш аз болои шавҳари 38-солааш шикоят кардааст. Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштааст. Тафтишот идома дорад.

## МЕХОСТ МАСҶИДРО ТАРКОНАД



**Рӯзи 10-уми ноябр ҳангоми адои намози ҷумъа дар масҷиди шаҳраки Дзержинский дар ҷанубу шарқи Маскав як мард бо граната (норинҷак) вориди масҷид шуда, таҳдид ба тарконидани он кардааст.**

Дар сабти видеокамераи назоратӣ дида мешавад, ки дар пайи ин таҳдидҳо намозро манъ карданд ва як ҷавонмард бо риши кӯтоҳ ба назди марди мусаллаҳ омада, аз дасте, ки дар он граната дошт, гирифта, ӯро бо худ ба ҳавлӣ баровард ва дар онҷо мутақоидаш сохт, ки гранатаи дасташро бидиҳад ва таслим шавад.

Марди мусаллаҳро сипас кормандони пулис, ки ба ҷои ҳодиса даъват шуда буданд, дастгир карданд. Баъдан маълум шуд, ки гранатаи бо худ овардаи ин мард муляж будааст, на силоҳи воқеӣ. Ҳамчунин, маълум гардидааст, ки мард дар ҳолати мастӣ ба ин кор даст задааст.

## 116 ЧОРВОРО ЧӮПОН ХӮРД?!

**ВКД Тоҷикистон рӯзи 9-уми октябри соли 2023 аз ҳолати қаллобии калон хабар дод.**

Ба ШВКД шаҳри Ваҳдат аризаи марди 46-солаи сокини ноҳияи Рӯдакӣ ворид гардидааст, ки 6-уми октябри соли 2023, марди 46-солаи сокини шаҳри Ваҳдат бо роҳи фиреб ба бовариаш даромада, аз ӯ 261 сар чорвои майдаи шохдорро барои чаронидан гирифта, ҳангоми ба охир расонидани мавсими чарогоҳ 116 сар чорвоишро бо маблағи 320 ҳазор сомонӣ надода, ба манфиати шахсиаш сарф намудааст.

Тафтишот аз болои ин қазия оғоз шудааст.

# “АННА-ЧОВАНДОЗ”

## 5 зан, 7 хона, 1400 сар чорво, 91 сар аспу 19 уштур... Мусодираи беш аз 300 кило ҳероин

**ВКД Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти Русия 10 аъзои як гурӯҳи байналмилалии нашъаҷаллоб бо номи “Анна-човандоз”-ро боздошт кардаанд, ки дар чанд соли охир беш аз 1,5 тонна маводи мухаддирро ба Русия интиқол додаанд.**



Дар ин бора “Ахбори ВКД” хабар дод. Ба иттилои манбаъ, ин гурӯҳро баъди боздошти як узви он - Маҳмадалӣ Комилов бо 55 кг маводи мухаддири навъи ҳероин рӯзи 25-уми августи соли 2023 ошкор кардаанд.

“Дар натиҷаи санҷиши минбаъда маълум гардид, ки ин миқдор маводи нашъадор аз шумораи 200 кг фиристодаи гурӯҳи муташаккили нашъаҷаллоби трансмиллӣ ба Русия ба шумор рафта, боқимонда аллакай ба муомилот баровварда шудааст”,- зикр мешавад дар барномаи “Ахбори ВКД”.

Ба иттилои ин ниҳод, ин гурӯҳро Азамат Ҳамроеви 58-сола (қаблан Болтаев Анна Ҳамроевич), шаҳрванди Тоҷикистон дар ҳайати беш аз 10 нафар роҳбарӣ карда, дар давоми 10 соли охир бо гурӯҳҳои нашъаҷаллоби Афғонистон робитаи ҷинояткорона барпо намуда, мунтазам ба кишварҳои аъзои ИДМ, махсусан ба Русия маводи нашъадорро ба муомилот баровардаанд.

Дар бораи Азамат Ҳамроев маълумоти зиёд дода намешавад ва танҳо зикр мегардад, ки ӯ сокини шаҳри Турсунзода буда, дорои шаҳрвандии Тоҷикистону Русия аст. Ӯ бо 5 зан зиндагӣ карда, соҳиби фарзандони зиёд мебошад.

ВКД мегӯяд, ки ин гурӯҳ воситаҳои нашъадорро ба воситаи нақлиёти боркаш ва қатораҳо дар дохили мева ва қуттии меваҳо ҷой карда, ба дигар давлатҳо интиқол медоданд.

Дар барномаи ВКД гуфта мешавад, ки аъзои ин гурӯҳ бо маблағҳои бо роҳи ҷинояткорона ба даст овардаашон молу мулки зиёд харидорӣ карда ва онҳоро ғайриконунӣ ба расмият даровардаанд.

“Тафтиши дороиҳои роҳбари гурӯҳи ба қавле “Анна-човандоз” Азамат Ҳамроев воқеан, чӣ дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Русия хело зиёд аст. Дар Тоҷикистон 7 манзили истиқоматӣ, 1200 чорвои майда, 91 сар асп, 19 шутур, 11 мошини сабукрав ва боркаш, 6 фермаи чорвопарварӣ, наздики 6 ҳазор га қитъаи замин, 7 иншооти нимсохт, 2 мағозаи либос ва 1 мағозаи тилло, 15 кг тилловорӣ, дар ҳудуди шаҳрҳои Твер ва Қазони Русия як фермаи калони чорвопарварӣ, 200 чорво ва 5 қассобхона ва дар Ӯзбекистон як корхонаи истеҳсоли ламинат ва як хонаи гаронбаҳо дорад”,- зикр кардааст ВКД.

Бино ба иттилои ВКД, то ҳол 10 аъзои ин гурӯҳ дастгир шуда, 4 нафар, аз ҷумла Азамат Ҳамроев - роҳбари аъзои ин гурӯҳ ва чанде аз аъзои фаъоли он дар ҷустуҷӯйи расмӣ қарор доранд.

ВКД гуфтааст, ки нисбати Азамат Ҳамроев ва аъзои ӯ бо моддаи 200 қисми 4 КҶ ҶТ паврандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, тафтишоти он зери назорати Додситонии кулли Тоҷикистон қарор дорад.

# МУЪҶИЗАИ ҲАҶ

## Муҳаммадкарим баъди 18 сол шифо ёфт... ё дурӯғ мегӯяд?







**Дар шабакаҳои иҷтимоӣ як видео дар бораи сафари Ҳаҷҷи як сокини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон бо номи Муҳаммадкарим нашр шудааст ва дар он иддао мешавад, ин зоир қабл аз сафари Ҳаҷ 18 соли тамом сари зону роҳ мегашту бо пойҳои худ роҳ гашта наметавонист, вале дар ҷараёни сафари Ҳаҷ бо қудрати Худо дубора роҳгардон шудааст.**

Видео бо лаҳзаи рӯи зонуҳояш ҳаракат кардану бо азобе ба зинаҳои ҳавопаймо баланд шудани як зоир ва сипас ҳамин гуна бо азоб аз зинаҳо ё пилахо пойин фаромадани ӯро нишон медиҳад.

Дар идомаи навор дар саҳни масҷиди Паёмбар ҳамон наворбардор бо гурӯҳе аз зоирони тоҷик суҳбат мекунад ва Муҳаммадкаримро нишон медиҳад, ки шодиашро пинҳон карда наметавонад. Наворбардор мегӯяд, бо қудрати Худо, дар ҷараёни сафари Ҳаҷ Муҳаммадкарим дубора ба пои худ рост шудааст ва ҳоло бахузур роҳ мегардад. Ӯ барои исботи ин аз Муҳаммадкарим хоҳиш мекунад, ки бо пойҳояш каме парпарак кунад. Ва ин зоир мисли як инсони солиму бардам дар ҷояш чанд бор парида, боз ба рӯи пойҳояш рост меистад.

Ин навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарусадои зиёдеро ба бор овад. Маълум шуд, ки ин мард Каримхӯҷа Темурови 70-сола, сокини деҳаи Максим Горкийи ҷамоати деҳоти Яккатути ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ будааст.

Як манбаъ аз ҷамоати деҳоти Яккатут ба “Азия-Плюс” гуфт, Каримхӯҷа Темуров оиладор ва соҳиби 4 фарзанд аст ва баъд аз 50-солагӣ ба бемории рӯҳӣ гирифтор шудааст.

“Темуров дар қайди беморхонаи касалиҳои рӯҳии ноҳия аст. Ӯ рӯзона бо зонуҳои худ ва шабона бо пойҳояш роҳ меравад. Ба гуфтаи худаш, ӯ парӣ дорад ва ҳамон париҳо намегузоранд, ки рӯзона бо пойҳояш роҳ равад. Дар асл ӯ худаш ин корро мекард”, - менависад, манбаъ.

Ба гуфтаи манбаъ, Темуров рӯзҳои 10-24-уми октябр ба Ҳаҷҷи умра рафтааст ва аз рӯи бемории доштааш, рӯзона бо зону ва шабона бо пой роҳ рафтааст. Ин барои ҳамроҳоне, ки бемории вайро намедонистаанд, боиси таваҷҷӯҳ шудааст ва онро навор барошта, дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кардаанд.

Ҳоло ӯ дар хонааш қарор дорад ва ҳамон бемории доштааш боқӣ мондааст. Баъди нашри навор кормандони бахши дин ва шӯъбаи корҳои дохилӣ дар ноҳия бо Каримхӯҷа Темуров ҳамсӯҳбат шудаанд.



## БЕАДАБИИ ФАРЗАНДОН

*Русия як оилаи лӯлиёни Тоҷикистонро ихроҷ кард*

**Як оилаи ҷӯгиҳо (лӯлиҳо) аз шаҳри Новосибирски Русия ба Тоҷикистон ихроҷ карда шуд. Далели ихроҷ беадабии фарзандон гуфта мешавад.**

Аз беадабии писари 12-сола ва духтари 7-солаи ин хонавода дар бозори Хилокский ба мақомот як муаллимаи маҳаллӣ шикоят карда буд. Зани 32-солаи Тоҷикистонро ахиран ба шуъбаи муҳоҷирати пулиси ноҳияи Ленини шаҳри Новосибирск даъват карда, нусхаи қарори ихроҷи ӯву фарзандонашро ба дасташ супурданд.

## ДАР “ЗИНДОНИ” МАЛАЙЗИЯ



**Идрис Шарипов, як ҷавон аз шаҳри Ҳисор аз 17-уми октябри соли 2023 дар минтақаи нейтралии фурудгоҳи шаҳри Куала Лумпур, пойтахти Малайзия дармондааст. Ӯ на ба дохили он кишвар даромада метавонад ва на иҷозат аз Малайзия рафтанашро дорад.**

Идрис 1-уми октябр бо нияти кор ба Малайзия омад, вале азбаски визааш визаи корӣ набуд, кор ёфта натавонист. 17-уми октябр хост, ки аз Малайзия берун шавад, вале дар фурудгоҳи пойтахти ин кишвар ӯро бо ҷурми вайрон кардани қонунҳои муҳоҷират ҷарима бастанд. Азбаски ӯ барои пардохти ҷарима пул надошт, ба вай иҷозат надодаанд, ки Малайзияро тарк кунад.

## 6 КУШТА ДАР СЕ СОАТ

Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон хабар дод, ки шоми 8-уми ноябри соли 2023 дар байни ҳамагӣ се соат бар асари се садамаи марговар дар ҳудуди вилояти Суғд 6 нафар ба ҳалокат расида, 3 нафари дигар ҷароҳат бардоштаанд.

# ВИТАМИН ДАР ЗИМИСТОН



## Лимӯ, карам ва тухм - кафили саломатӣ

**Азбаски дар фасли зимистон меваву сабзиҷоти тарутозаро дастрас кардан кори душвор аст, маҳз дар ҳамин шабу рӯз ҷисми инсон аз норасоии витаминҳо азият мекашад. Аз ҳамин сабаб саломатӣ бад шуда, мо ба пурхӯрӣ роҳ медиҳем. Зеро ҷисми инсон барои дастрас намудани моддаҳои даркорӣ ҳатто аз хӯроки бе витамин низ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аз ҳамин ҷо сар мезанад рӯҳафтодагӣ ва инсон бештар ба гирдоби яъсу ноумедӣ ғӯтавар мегардад.**

### Оқибати норасоии витаминҳо

Норасоии витаминҳо ба сурат ва саломатии инсон таъсири сахт мерасонад. Хусусан мӯйҳо ҷилои худро гум карда, берангу заиф, нохунҳо зудшикан, пӯст хушку пур аз нарак мегардад. Илова бар ин, ранги пӯст коҳида, пажмурдаву халта мезанад. Дар ҳолати норасоии витаминҳо нури чашм хира ва таги чашмон сиёҳ мешаванд. Вақте дар ҷисм норасоии калсий эҳсос карда мешавад, бо мурури вақт устухонҳо ҳам бе ҷон мешаванд.



### Дар зимистон чӣ бояд хӯрд?

Дар рӯзҳои сарди зимистон ҳатман витамини А-ро истеъмол кардан лозим аст. Бар замми он ки витамини А нури чашмро ҳифз менамояд, боз хусусияти зиддиилтиҳобӣ дошта, муқовимати ҷисмро нисбати вирусу бактерияҳо пурзӯр месозад. Миқдори кофии витамини А масунияти баданро баланд бардошта, ҳолати инсонро ба эътидол меорад ва неру мебахшад. Ҳангоми истеъмол намудани помидор, марҷумак (гречневая крупа), гӯшт, маҳсулоти ширӣ ва тухм дар фасли зимистон ҳолати пӯст беҳтар мегардад. Ин маҳсулот ҷигарро низ тақвият мебахшад.

Нишонаҳои норасоии витамини А халалёбии хоб, рагкашӣ, дарди мушакҳо ва калон шудани гавҳараки чашм мебошад.

Боз як элементи муҳими зимистона витамини С мебошад, ки ҳолати масуниятро муътадил нигоҳ медорад. Дар сурати норасоии витамини мазкур инсон хоболуд, камқувват ва паст шудани масуниятро эҳсос мекунад. Ҳамзамон хастагӣ, заифӣ, рӯҳафтодагӣ, дарди буғумҳо ва ҳатто хунравии вораҳо бо сабаби кам будани витамини мазкур сар зада метавонад.

Барои пур кардани витамини мазкур бештар смородинаи сиёҳ, карам, хуч (шиповник) ва лимӯ истеъмол кардан лозим аст.

Боз як витамини барои ҷисм муҳим дар фасли зимистон витамини D мебошад. Витамини мазкур барои мустаҳкамии устухон ва дандонҳо муҳим аст. Зимнан дар фаслҳои сарди сол одамон бештар ба ин витамин ниёз доранд, зеро хеле кам ба дидани нурҳои офтоб мушарраф мегарданд.

Барои рафъи мушкилоти мазкур ба хӯроки худ бештар моҳиҳои навъи равғанин, тухм, равғани растанӣ ва маска, маҳсулоти баҳрӣ, маҳсулоти турши ширӣ илова кунед.

Витамини Е-ро дар илми тиб витамини зебоӣ мешуморанд ва он барои мубориза бурдан бо стресс лозим аст. Бо шарофати витамини мазкур мағзи сар аз оксиген шодоб гардида, асабҳо мустаҳкам ва ақл равшан мегардад. Миқдори бештари витамини Е-ро аз таркиби карами брокколи, тухм, сабзӣ ва ҷигар дастрас карда метавонед.

Дар фасли зимистон витамини гурӯҳи В-ро фаромӯш насозед. Витамини мазкур мубодилаи карбогидратро ба эътидол оварда, асабро тақвият мебахшад ва рӯҳафтодагиро пешгирӣ менамояд. Барои солимии асаб аҳамияти хоса дошта, пиршавии бармаҳалро пешгирӣ менамояд.

Норасоии витамини мазкурро аз бад шудани ҳолати пӯст, обравии чашмон ва кафидани лабҳо фаҳмидан мумкин аст. Барои рафъи чунин камбудиҳо бештар марҷумак (гречка), нахӯд, чормағз, лаблабу ва ҷигар истеъмол бояд кард.

Ҳамзамон захира кардани витамини Р-ро фаромӯш насозед. Бо шарофати витамини мазкур рагҳо бақувват, гардиши хун беҳтар ва дил солим мегардад. Сарчашмаи моддаи мазкур карам, хуч, ангур ва ғайраҳо мебошад.

**Лутфия ЗУБАЙДОВА,**
**ассистенти кафедраи бемориҳои сироятӣ ва эпидемиологияи ДМТ**

# Толеънома



***Ҳамал***
**21.03 - 20.04**

*Ҳафта бароятон душвориҳои зиёдеро пеш меорад. Уҳдадориву вазифаҳои муҳимро то охир ба анҷом расониданатон лозим меояд. Аксари корҳоятон бо пул алоқамандӣ доранду аз шумо диққати зиёдро талаб мекунанд.*



***Савр***
**21.04 - 21.05**

*Уҳдадориву вазифаҳои муҳим ба рафти корҳои оилавиятон таъсири худро мегузоранд. Қариб ҳар рӯз вазифаҳое пеш меоянд, ки ба таъхир гузошта наметавонед. Мушкилиҳо зиёд мешаванд, вале шумо аз уҳдааш ба хубӣ мебароед.*



***Ҷавзо***
**22.05 - 21.06**

*Ҳафта барои рушди корҳои молиявии шумо мусоидат мекунад. Албатта, бе кӯшиш ва заҳмати зиёд ба мақсад намерасед. Дар давоми ҳафта мушкилоти саломатии яке аз пайвандонатон пеш меояд. Дар оилаатон навигариҳо, маъракаву вохӯриҳо зиёд мешаванд.*



***Саратон***
**22.06 - 23.07**

*Дар ин ҳафта аз ҳад зиёд содаву зудбовар нашавед, аз нафарони дурӯяву дурӯғгӯ дурӣ ҷӯед. Вохӯриҳо бо дӯстони наву дерин пур аз эҳсосот мегардад. Дар давоми ҳафта муҳаббат омили муҳимтарини ҳолати руҳии шумо мегардад.*



***Асад***
**23.07 - 22.08**

*Дар ин ҳафта хабару иттилооти зиёде ба даст меоред, ки муҳимтарин ва муфидтаринашро бояд маҳфуз нигоҳ доред. Ин хабарҳо ба ҳаёти шахсӣ, оила ва касбу кори шумо вобастагӣ доранд. Дар давоми ҳафта кори сердаромад пайдо карданатон имконпазир аст.*



***Сумбула***
**23.08 - 22.09**

*Давоми ҳафта бо мушкилиҳои дар хона ва ҷои кор сарзада машғул шуданатон лозим меояд. Бо зане ҳамсуҳбат мегардед, ки ба маслиҳати шумо ниёз пайдо мекунад. Аз ҷониби ҳамкорон ё ҳамсояҳо мавриди фиребу сӯиистифода қарор гирифтанатон шуморо асабӣ мегардонад.*



***Мизон***
**25.09 - 22.10**

*Дар ин ҳафта аз баъзе нияту нақшаҳо, ки сабабгори аз дӯстдоштаи худ ҷудо шуданатон гашта метавонанд, худдорӣ карданатон лозим меояд. Агар садди роҳи ҳодисаҳои сарзада нагардед, имконияти пешравии касбу коратон фароҳам меояд.*



***Ақраб***
**23.10 - 22.11**

*Дар ин ҳафта шиносҳои наватон ба асаби шумо мерасанд. Беҳтараш ба дӯстони дерини худ ва нафароне, ки бовафову мутахассисони касбӣ мешуморед, такя намоед. Душвориҳои ҳафта ба ҳолати руҳии шумо бетаъсир намемонанд, асабиву ҳассос ва бадҷаҳл мешавед.*



***Қавс***
**25.11 - 21.12**

*Давоми ҳафта бо кори иловагӣ машғул шуда, сарчашмаҳои нави даромадро ҷӯед. Корҳоятон зиёд мешаванд, амалу рафтори ҳамкорон ё мизоҷони худро мавриди баҳсу мунозира қарор надиҳед. Аз ҳузури нафарони хушчақчақ нерӯ мегиред.*



***Ҷаддӣ***
**22.12 - 20.11**

*Дар ин ҳафта вазъи молиявиатон ба шарте хуб ҷараён мегирад, ки хароҷоти пулии худро ба нақша гирифта тавонед. Агар нияти насяи гирифтанро дошта бошед, ҳафта барои ин кор мусоид аст. Дар хонаатон ҳодисаи хушу деринтизоре рух медиҳад.*



***Далв***
**21.01 - 19.02**

*Ҳафтаи душвор аст. Уҳдадориҳои касбиву корӣ, вохӯриҳо ва кор бо ҳуҷҷатҳо зиёд мегардад. Ҳафта барои пайдо намудани ҷойи нави корӣ мусоид аст. Дар давоми ҳафта хабари тавлидёбии тифлро мешунавед. Саломатии худро аз ҳама гуна инфексия ва вирус ҳифз намоед.*



***Ҳут***
**20.02 - 20.03**

*Нисбати атрофиён сабру таҳаммулро пеша намоед. Либосу ҷиҳози худро аз гумшавӣ эҳтиёт кунед. Аз робита бо нафароне, ки ба шумо майл доранд, дурӣ наҷӯед. Танҳо бо сабабе, ки мушкилиҳои зиёде ба дӯшатон бор гардидааст, гӯшанишин нагардед.*

# УСТОДИ МУСИҚИИ РӮДАКӢ КӢ БУД?

**• Хоҷа Абулаббоси Бахтиёр кӣ буд?**
**• Чаро устоди мусиқии Рӯдакӣ сарбоз шуд?**
**• Мазори устоди Рӯдакӣ дар куҷост?**





*Оромгоҳи Хоҷа Абулаббоси Бахтиёр дар деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакент*

Деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакент яке аз деҳаҳои зебоманзар ва қадима дар соҳили Рӯди Моғиён мебошад. Сокинонаш ҳунарманду меҳмоннавоз ҳастанд. Машғулияти кишоварзӣ, ҳунари чӯбкорӣ ва навозандагиву сарояндагӣ ҳанӯз ҳам дар байни мардум васеъ пахн шудааст, ки ҳар яке бесабаб нест. Агар кишоварзиву ҳунари чӯбкорӣ дар замири ин мардум меросе аз ниёгон бошад, ҳунари навозандагиву сарояндагӣ мерос аз Хоҷа Абулаббоси Бахтиёр аст.

Хоҷа Абулаббос устоди мусиқии Асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад, ки аҷдодонаш чун дигар муҳоҷирон дар арафаи ҳуҷуми арабҳо аз Самарқанд ба инҷо кӯчидаанд.

Падараш чорводор буд ва худаш рамаи бузу гӯсфандонашро нигоҳубин карда, рӯзии фарзандонро аз ҳамин ҳисоб таъмин менамуд. Ӯ мухлиси санъат буд. Табъи шоирӣ ва навозандагӣ низ дошт. Баъзан чанг ё танбӯр менавохт. Ҳангоми ба саҳро бурдани чорво гоҳе фарзандаш Бахтиёрро низ ҳамроҳи худ мегирифт.

Садои навозиши падар дар куҳҳо танинандоз мешуд ва қалби Бахтиёри кӯчакро тасхир мекард. Аз ҳамон ҷо Бахтиёр ба санъат меҳр баста, чун санъаткори мумтоз ба камол расид. Азбаски шароити маишии хонавода хуб буд, падар ба камолоти фарзанд диққати ҷиддӣ медод ва ӯро ҳамаҷиҳата дастгирӣ мекард. Дар 20-солагӣ ба Самарқанд рафта, ба дарбори Насри 1 Сомонӣ (864-892) роҳ ёфт ва муддате ҳамчун сарбоз хизмат кард. Садои марғуладори шерона ва ҷасорату мардонагиаш боис гардид, ки дар байни сарбозон унвони парчамбардорро соҳиб гардад. Зеро дар сафи пеши лашкар ҳамеша чун раҳнамо парчамдорон меистоданд, ки бозувони боқувват доштанд. Бахтиёр низ қади баланд ва дасту бозувони боқуввате дошт. Дар баробари ин, фориғ аз набардҳо ба навохтани асбобҳои мусиқӣ машғул мешуд. Сарбозон ба давраш ҷамъ омада, зери садои мусиқиаш дилхушӣ мекарданд. Ӯ дар Самарқанд издивоҷ кард ва соҳиби фарзанд шуд. Ба хотири эҳтиром ба яке аз дӯстонаш ба фарзанди худ Аббос ном гузошт. Бинобар ин ӯро Абулаббос мегуфтанд.

Вақте Рӯдакӣ ба дарбор роҳ ёфт, шоҳиди яке аз базмҳои сарбозон гардид ва бо Бахтиёр ошно шуд. Он вақт синни Бахтиёр ба чое расида буд. Ӯ соҳибистеъдод будани Рӯдакиро дарк карда, ҳунарашро ба ӯ омӯзонд ва ёдрас шуд, ки "ман бояд навозанда мешудам, вале тақозои замон ҳаминро талаб мекард, ки сарбоз бошам. Аммо пушаймон нестам. Зеро дар соҳибқудрат ва эҳё шудани давлати аҷдодӣ хизмат кардам. Ту бояд ин ҳунарро омӯзӣ...".

Рӯдакӣ дар вақтҳои холигиаш ба назди Бахтиёр меомад. Соатҳо суҳбат мекарданду шеърҳои тозаэҷоди Рӯдакиро ба оҳанг даровarда, месароиданд.

Бахтиёр дар пиронсолӣ ба зодгоҳаш Косатарош баргашт ва дар ин деҳа чун яке аз шоҳидон ва ровиёни корномаҳои Сомониён соҳибэҳтиром гардид. Соатҳо мардум дар меҳмонхона ба нақлҳо ва навозишу сурудҳои ӯ гӯш медоданд.

Аз ӯ дар манобеъ бо номи Хоҷа Абулаббос Бахтиёри Самарқандӣ ёд шудааст. Қабраш дар оромгоҳи деҳаи Косатарош зиёратгоҳи аҳли деҳа ва берун аз он мебошад. Ҳамасола дар арафаи ҷашни Наврӯз пайравони санъати мусиқӣ, сарояндагону навозандагони деҳа ба гиромидошти хотираи ӯ дар мавзеи Мурӯдак ҷамъ омада, сурудхонӣ мекунанд.

**Шоён АЛИМУҲАММАД,**
**унвонҷӯи ДОТП, директори МТМУ №75-и шаҳри Панҷакент**



*Илҳом аз акси сиёсатмадор ва намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Русия Мария Захарова, ки бо куртаи чакан дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба нашр расид.*

### Моҳи дурахшон

*Чун гул шукуфтаи ту, эй духтари рус,*
*Бо куртаи чаканӣ монанди арӯс.*
*Чун моҳи дурахшони шабафрӯз,*
*Гӯё, ки омад ба дида Наврӯз.*

### Муғчаи навруста

*Ман дар тани зани рус, куртаи чакан дидам,*
*Гӯё бари гулзоре маҳрӯйи чаман дидам.*
*Лабханди базеби ӯ чун муғчаи навруста,*
*Гӯё, ки суханваре дар боғи Хутан дидам.*

### Гулзори биҳишт

*Эй дӯст, гирам туро дар оғӯш,*
*Ҳаргиз накун маро фаромӯш.*
*Ҳар гоҳ биёӣ ту ба гулзори биҳишт*
*Аз оби зулоли Тоҷикистон бинӯш.*

### Фазои дӯстӣ

*Эй халқи ҷаҳон, ҳама якҷо шавем,*
*Аҳд баста ба роҳи сулҳ ҳамсоя шавем.*
*Бомеҳру садоқату дилсӯз шавем,*
*Чун чатраки боронӣ ба сар соя шавем.*

**Назокати ҲОҶӢ**

# АСЛАМ ДОДИХУДОЕВ

## Даргузашти собиқадори телевизион ва сухангӯйи собиқи Бонки миллӣ

**13-уми ноябр Аслам Додихудоев, яке аз чеҳраҳои маъруфи журналистикаи тоҷик, собиқадори телевизион ва собиқ роҳбари дафтари матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон дар синни 77-солагӣ аз олам даргузашт.**



Аслам Додихудоев соли 1946 дар деҳаи Жовиди ноҳияи Ванҷи ВМКБ таваллуд шудааст. Баъди хатми синфи 7 таҳсилро дар Донишгоҳи ҳунаромӯзии №11-и шаҳраки Чиптураи ноҳияи Ҳисор давом дода, онро соли 1964 хатм намуд. Соли 1965 ба шуъбаи шабонаи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Баробари таҳсил ӯ ба фаъолияти меҳнатӣ машғул буд.

Аз соли 1967 корманди рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" ва аз соли 1969 то соли 1992 дар Кумитаи телевизиону радиои ҷумҳурӣ фаъолият намуд. Солҳои 1993-1995 муҳбири ширкати телевизионии "Мир" ва аз соли 1995 то даҳаи асри нав сардори маркази матбуоти Бонки миллии Тоҷикистон ва сардабири маҷаллаи "Ахбори бонки миллии Тоҷикистон" буд. шуда кор мекард. Соли 1990 ба гирифтани унвони фахрии "Журналисти хизматнишондодаи Тоҷикистон" ноил шудааст. Узви Раёсати ИЖТ буд.

## Мавлуднома

**• 16 НОЯБР •**

**Ваҳобҷон Инъомов** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Павел Серпокрилов** (1918-1945), 105-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**• 17 НОЯБР •**

**Иван Ковал** (1913-1970), 110-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ (1961-1970 котиби дуюми КМ ПК Тоҷикистон).

**Никзан Хоҷаева** (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 18 НОЯБР •**

**Хуррам Боқиев** (1898-1938), 125-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Солия Мамадҷонова** (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми меъморӣ, профессор.

**• 19 НОЯБР •**

**Ҳайдар Умаров** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Абдуҷамол Ҳасанов** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Лидия Яшенко** (1928), 95-солагии зодрӯзи забоншинос.

**• 20 НОЯБР •**

**Азим Азизов** (1953-2011), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Сайф Раҳимзоди Афардӣ** (1953-2000), 70-солагии зодрӯзи нависанда, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Музаффар Муҳиддинов** (1938), 85-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдуманнон Насриддинов** (1953-2011), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Бозор Собир** (1938-2018), 85-солагии зодрӯзи шоир, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Абдулхайр Ҳошимов** (1943), 80-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**• 21 НОЯБР •**

**Саидакрам Акбарзода** (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми меъморӣ.

**Юсуф Акбаров** (1938), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Александр Дерюгин** (1913-1996), 110-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**Носирҷон Эшонов** (1918-1991), 105-солагии зодрӯзи рассом, кандакор.

**• 22 НОЯБР •**

**Ҳоҷиқурбон Ишонқулов** (1913-1980), 110-солагии зодрӯзи муаррих.

**Одилбой Қоситов** (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Жозеф Летский** (1908-1988), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Аттестати синфи 11 АБ №230557, ба номи Карахонова Дилафруз Икромидиновна, ки соли 2001 аз ҷониби МТМУ №11 (собиқ №18)-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии А03131869 ба номи Худобахшов Ҷовид Шейхович, ки санаи 04.02.2020 аз ҷониби ШВКД-2-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0252245, рақами қайд №1650, ба номи Буров Шералӣ Абдуҳамидович, соли хатм 21.06.2023, ки аз ҷониби Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандии А02976667 ба номи Мирзоев Нусратулло, ки санаи 26.12.2019 аз ШВКД ноҳияи Қубодиён дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Ризоев Товул, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон, М-1, бинои 10, ҳ. 5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳрасти №2285 аз 23.11.2018 ба номи Буриев Тилло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, хонаи №1527, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад. Тел.: 907-44-45--51

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҳоҷаев Акбарали Қурбонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон, х. 26, ҳ. 5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №33432, ба номи Раҷабов Шавкат Негматович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, б 109, ҳ. 40, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот аз 21.07.2020 байни Идиев Фарҳод Қурбонович ва Гафуров Шамсидин Мирзомиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Калинин 60, блоки А, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома ва иқтибоси кооперативи тиҷоратии "Ахмедов Набиҷон", РЯМ: 3310008396, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ, манзилномаи №009934 аз санаи 30.12.2002 ва шиносномаи техникӣ бо варақаи қайди №56662, ба номи Мирзоева Шозодахоним Имомназаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федина 29, ҳ. 43, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи шаҳрвандии А04065910 ба номи Алимардонова Шукрона Раджабалиевна, ки санаи 17.01.2022 аз ҷониби ШМД Навобод ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Атоев Сафархон Машафоевич, №0070584, РЯМ: 0430149235, РМА: 035132761, ки санаи 16.08.2013 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Маълумотномаи маъюбӣ бо силсилаи №0190456, ба номи Манонова Гулбаноз, ки санаи 10.10.2023 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонии Д201649, ба номи Раҷабов Қамариддин Зоирович, ки соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлии гумшуда бо суроғаи Гипрозем 30/4, ҳ. 153, ки дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз 19.08.2023 таҳти рақами 7..5808 ба шаҳрванд Давлатов Сайчалол Шарифович тааллуқ дорад, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи литерҳои хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-1687, ки аз 24.12.2015 аз тарафи Саридорои нотариалии давлатии ҶТ ба номи Назаров Муҳаммадюсуф Бахритдинович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ч. Имомов (пешина Камола), хонаи 29/2 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-861, ки аз 19.09.2008 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба номи Мирзоева Кубарро Оламбердиевна бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷ/д Россия, уч. Қуштеппа, хонаи 3, квартираи 10 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Ш-2703, ки аз 08.06.2012 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Ҷаборова Бибирашида Зоировна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, хонаи 67/4, квартираи 47 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 240-241, кори меросии 151/90 аз 26.04.1990, ки дар Идораи нотариалии 1-и шаҳри Душанбе ба номи Акрамова Рузигул бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 7-ум гузаргоҳи Титова, хонаи 16 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №6ДА-4-703, аз санаи 10.03.1993 ба номи Розиков Саъдулло Билолович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи С. Шерозӣ 27, ҳ. 7, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, дараҷаи Б 30117335, рақами қайд №5619, ки аз 26.04.2006 ба номи Саидов Мачнун, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, уч. Пахтакор аз ҷониби Кумитаи заминсозии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Тоҳиров Шерзод Руҳиллоевич, №0562022, РЯМ: 0230102575, РМА: 045866742, ки санаи 10.08.2022 дар Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХУРАД

►ҶДММ «Перфект Трэвел», РЯМ: 0210016767, РМА: 020039618 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Monitoring and Evaluation/Reporting Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14622/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 27 November 2023 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 6 | | 2 |
| | 9 | | | | 1 | | | 3 |
| | | | 4 | 9 | | | | |
| | | 2 | | | | | 5 | |
| | | | 8 | 7 | | | | |
| 1 | | | | | 4 | 3 | 6 | |
| | | | | | | | | |
| 4 | 7 | | | 6 | 5 | | | |
| | | 3 | | 2 | | | 1 | 8 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 5 | 1 | 2 | | 8 | |
| 9 | | | | 4 | 3 | | | 6 |
| | 3 | | | | | 5 | 7 | 4 |
| 7 | | | 2 | | 8 | | | |
| | 2 | 1 | | | | | 3 | 7 |
| | 6 | 5 | | | 9 | | 2 | |
| | | 7 | | 5 | | 8 | | |
| 6 | | 9 | | | 1 | | | 5 |
| | 4 | | 8 | 9 | | 1 | | 2 |

## Фарқиятро ёбед



## ЗАБОНОМӮЗӢ БА ҶОЙИ ТЕЛЕФОНХАРӢ

**ФАРЗАНД МЕВАИ ШИРИНИ УМРИ ИНСОН АСТ ВА ВОЛИДОН ТАЙЁРАНД, КИ БАРОИ КӮДАКОНАШОН ҲАТТО ҶОНИ ХУДРО НИСОР НАМОЯНД. АЛБАТТА, ҲАР ЯК ПАДАРУ МОДАР КӮШИШ МЕКУНАД, КИ БАРОИ ҶИГАРБАНДОНАШ БЕҲТАРИН ШАРОИТҲОРО ФАРОҲАМ ОВАРАД, ТО ФАРЗАНДОНАШ ХУШБАХТУ САОДАТМАНД БА ВОЯ БИРАСАНД.**



Бархе ин хушбахтиро дар харидани сару либоси зебо барои кӯдаконашон мебинанд, иддаи дигари волидон бошанд, дар ҳадя кардани телефонҳои қимматбаҳо ва дигар таҷҳизоти замонавӣ, ки боиси хушҳолии писар ё духтарашон мегардад, аммо дар асл ин роҳи хушбахт кардани фарзанд нест.

Беҳтарин коре, ки ҳар як падару модар барои фарзандони худ карда метавонад, ҳавасманд ва дилгарм сохтани бачаҳо ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ мебошад. Махсусан омӯхтани забонҳои хориҷӣ дар шароити кунунӣ барои насли наврас хеле муҳим аст. Махсусан, омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ, ки кайҳо ҳамчун забонҳои гуфтугӯйи байналхалқӣ эътироф шудаанд ва забони илм, техника ва технологияҳои нав ба шумор мераванд. Пешвои миллат ҳамеша дар баромадҳояшон таъкид мекунанд, ки ба масъалаи забономӯзии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон диққати хоса додан лозим аст.

Албатта омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишварамон ба роҳ монда шудааст, вале барои беҳтару хубтар омӯхтани забонҳои хориҷӣ волидон бояд ба фарзандони худ кӯмак расонанд. Хушбахтона, имрӯз дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ марказҳои зиёди забономӯзӣ амал мекунанд. Таълим дар ин марказҳо чандон қиммат нест.

Хуб мешуд, ки волидон ба ҷойи харидани ҳар хел бозичаҳои бемаънӣ ва телефонҳои гаронбаҳо ба кӯдаконашон китоб харида, онҳоро ба курсҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ гузоранд ва ба омӯхтани илму донишҳои забонавӣ шавқманд гардонанд.

**Фотима БОБИЕВА,**
**омӯзгори МТМУ №62-и**
**н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе**

## СКАНВОРД



Кӯчаи якумини Маскав
Ат - унсури кимиёвӣ
Айвон, шипанг.
Ҳайкал, муҷассама
Падруд, хайрухуш
Аз ин ... аз он монда
Пурра, комил.
In - унсури кимиёвӣ
Давлат дар Африқо
... –Ланка
Ҳолат
... -Франсиско, шаҳр дар Калифорния
Ларзиш, ҷунбиш
Ҳавои софу беғубор
Собиқ пойтахти Олмон
Сабза.
Мас-ти ...
Шаҳр дар дарёи Енисей.
Олуфтаи гузаро
Ҳаким.
Қаҳрамони латифаҳо.
Навъи либос
Кассиус Клей
Муассисаи молиявӣ
Гиёҳи бисёрсолаи ботлоқӣ
Комиссар ... аз "Ҳаштпо"
Хавф, бим, ваҳм
Аксгиранда.
... Мартан, шаҳр дар Чеченистон.
Нашриёти "Шарқи ...".
Ромит, Варзоб, Камароб
Зодгоҳи К. Маркс.
Аломат, асар
Аморати Муттаҳидаи Араб (мухт.)
Ёдгории меъморӣ дар Фаронса
Ҷои табобату истироҳат дар вақти рухсатӣ
Ҳарфи ҳаштуми арабӣ.
Навъи шим.
Ҳайвони ширхӯри дарранда.
Ҷазира дар Океания
Дарахти мевагӣ, доруи дил
Микки ... , ҳунарманди Холливуд
Асар
Заррачаи заряднок.
Муқобили нарав
Намуди варзиш
Шохоби чапи дарёи Муррей

### 80-сола

Пиразане назди табиб меояд:

- Духтур, як поям дард мекунад.

Духтур:

- Охир, бибиҷон, шумо 80-сола шудед.

Пиразан:

- Пойи дигарам низ 80-сола аст ку!

### Генерал

Аскари қаторӣ ҳангоми гаштугузор бо генерал рӯ ба рӯ мешавад. Аскар дарҳол салом медиҳад:

- Ба шумо саломатии бардавом, рафиқ майор!

Генерал ҳайрон шуда, мегӯяд:

- Чӣ хел ман майор? Намебинӣ, ки дар сари нишонам лентаву гулчанбар аз барги шоҳбулут аст?

Аскар оҳи сабук кашида, мегӯяд:

- Эх, тарсондӣ, амаки ҷангалбон...




### Чормағз

Марде барои майнӯшӣ ба ошхона медарояд. Пешхизмат:

- Ба шумо чой ё қаҳва?

Мард:

- Ягон чизи сахттар нест?

Пешхизмат:

- Чормағз дорем.

### Фарқият

Фарқи шоири чаққон аз шоири танбал:

Шоири чаққон:

- Ба думболат равам, ҳар ҷо ки равӣ.

Шоири танбал:

- Сари роҳат нишинам, то биёӣ.

### Дӯстдорӣ

Аз оқиле пурсиданд:

- Оё як марди якбора ду занро дӯст дошта метавонад?

Оқил дар ҷавоб мегӯяд:

- Дӯст дошта наметавонад, вале фиреб карда метавонад.

### Табассум

Рӯзи 1-уми сентябр. Модар ба писараш мегӯяд:

-Канӣ, бачаҷон, як табассум кун, ман аксатро гирам.

Писарча дар ҷавоб:

-Ман аз моҳи сентябр то моҳи май табассум намекунам.

### "Карсер"

Собиқ маҳбасӣ барои харидани яхдон ба мағоза меравад. Фурӯшанда:

- Ана ин яхдони дукамерагӣ аст. Дар яктояш ҳарорат сард, дар дигараш сардтар аст.

Маҳбасӣ мегӯяд:

- Мисли "карсер" (камераи ҷазо) будааст ку!

Таҳияи **Н.РАҶАБОВА**

## Сканворд






### "Барқи тоҷик" дар кадом аср зиндагӣ мекунад?

Дар деҳа вақте сухан атрофи речаи барқ рафт, мӯйсафеде ба ман муроҷиат карда, гуфт:

- Муаллимҷон, ту ҳар замон мегӯӣ, ки мо дар асри 21, дар асри илму технология зиндагӣ дорем. Ин технологияи гуфтагиат бе барқ ҳам кор мекунад? Ҳаход дар асри 21 барқ набошад?

- Бобоҷон,- гуфтам бо шӯхӣ,- мову шумо ба асри нав гузаштем, вале "Барқи тоҷик" ҳанӯз нагузаштааст.

- Магар ҳамин хел ҳам шуданаш мумкин?,- пурсид бо шубҳа.

- Чаро не?,- гуфтам бо табассум.- "Барқи тоҷик" пулгириву ҳисобкунакҳояшро ба асри нав мутобиқ карда бошад ҳам, ҳанӯз худаш бо ҷадвали солҳои охири карни 20 кор карда истодааст-дия!

### Обулойкунии маблағ

- Дар нашрияе хондам, ки чанд мансабдор пули буҷаро обулой кардаанд. Оё ин рост аст?,- пурсидам аз Мундонӣ.

Гуфт:

- Бале, рост аст, рост, ман ҳам хондам.

- Онҳо ин қадар пулҳои обулой кардаашонро чӣ кор мекунанд?,- боз суол кардам.

- Иморат доштагигистанд, иморат,- оромона посух дод Мундонӣ.

- Бо обу хок лой карданро шунида будам,- гуфтам бо ҳайрат,- аммо нав фаҳмидам, ки пулро обу лой карда, иморат мекардаанд.

### Зангирӣ осон...

Мундонӣ аз ҷавоне, ки аз завҷааш ҷудо шуда буд, пурсид:

- Шунидам, ки ба наздикӣ зан гирифта будӣ. Чаро аллакай ҷудо шудӣ?

Афсӯсхӯрон гуфт:

- Зангирӣ осон будааст, бобо, вале зандорӣ кардан кори саҳле набудааст.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**